БА УЛУҒЗОДА УНВОНИ ҚАҲРАМОН ДОДА ШАВАД! с. 11

ҚАДРШИНОСИИ БАХТИЁР РАҲИМОВ ПАС АЗ МАРГ с. 2

ТОҶИКИСТОН АЗ СУДИ ГААГА ХОРИҶ МЕШАВАД? с. 3

ТОҶИКИСТОН

№ 38 (1702), 23.09.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!

ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

АЗ НЕРӮГОҲИ ОФТОБӢ ТО ЭҲЁИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ







ДАР ИН ШУМОРА:

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА:
Девони Рӯдакиро аз Исроил бояд ҷуст… с.5

ЭҲЁИ ЭТИМОД
Сироҷиддин Муҳриддин дар СММ с.2

РУСИЯ
Миронов ба Дума роҳ ёфту Қодиров президент боқӣ монд с.4

ҲУШДОР
Ё хатаре, ки “хайр” меорад… с.5

МУҲОҶИР
Литва раводид намедиҳад… с.3

АДРАСМОН
Эҳёи корхонаи саноатӣ пас аз 13 сол с.13

ҲИКМАТ МУЪМИНОВ
Ҷавонтарин академики тоҷик с.6

ВАРЗИШ
Дастовардҳои варзишгарони Тоҷикистон с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Мажлиси намояндагони Мажлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

АФЗОИШИ ИНТИҚОЛИ СӮЗИШВОРӢ БА ТОҶИКИСТОН

Дар моҳи августи соли 2026 аз Русия ба Тоҷикистон зиёда аз 56 ҳазор тонна сӯхти дизелӣ (солярка) интиқол шуд. Ин 3,5 баробар зиёдтар аз моҳи июл (16 ҳазор тонна) мебошад. Дар ин бора Neftegaz.ru бо истинод ба таҳвилкунандагони бозор хабар додааст.

Ба иттилои манбаъ, дар маҷмуъ, интиқоли сӯхт (сӯзишворӣ)-и дизелӣ аз Русия ба Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Муғулистон дар моҳи август беш аз 370 ҳазор тоннаро ташкил дода, нисбат ба моҳи июл ду баробар афзудааст.

Қаблан Русия ба хотири пешгирӣ аз қимати нархҳои дохилӣ ва камбуди ин навъи маҳсулот дар пайи ҳамлаҳои густурдаи Украина ба нуқтаҳои нафтии ин кишвар, содироти сӯхти дизелиро маҳдуд карда буд. Ҳоло интиқол ба як қатор кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон ва Муғулистон дар доираи созишномаҳои байниҳукуматӣ иҷоза дода шудааст.

ДАР БОРАИ БОРБАД ФИЛМ МЕГИРАНД

Дар Тоҷикистон дар бораи Борбади Марвазӣ, яке аз барҷастатарин нобиғаҳои мусиқии аҳди Сосониён филми ҳунарӣ ба навор мегиранд. Он "Борбад. Сарнавишти хунёгар" ном дошта, пурра дар ҳудуди Тоҷикистон сабт хоҳад шуд.

Рустам Сатторзода, сардори шуъбаи филмҳои ҳунарӣ, хуҷҷатӣ ва киносолномаи "Тоҷикфилм" коргардон ва таҳиягари филм аст. Филмнома ба қалами ӯ ва Тоҳири Асрориён тааллуқ дорад.

Ба гуфтаи Сатторзода, гурӯҳи эҷодӣ рӯзи 25-уми сентябр ба интихоби мавзеъҳои наворбардорӣ мебарояд. "Пас аз он ки минтақаҳоро муайян кардем, маълум мешавад, ки кори наворбардорӣ чанд вақт давом мекунад",- гуфт ӯ.

Қисматҳои асосии филм, тавре коргардон гуфт, дар мавзеъҳои таърихию фарҳангии Хуҷанд, Балҷувон, Ҳисор ва кӯшки вижаи филмбардорӣ (павилион)-и "Тоҷикфилм" ба навор гирифта мешаванд.

ҶАЛБИ МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК БА ОЛМОН

Мақомоти Тоҷикистон бо ширкати олмонии «Premium Food Group» имкони ҷалби шаҳрвандони кишварро ба кор дар Олмон баррасӣ карданд.

Мулоқот 22 сентябр дар Душанбе бо иштироки муовинони вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва мудири умумии ширкат баргузор шуд.

Ба иттилои вазорат, ҷонибҳо масъалаҳои муайян кардани эҳтиёҷоти бозори кори Олмон, ташкили низоми муназзами интихоби корҷӯён аз Тоҷикистон ва омодасозии онҳоро ба фаъолияти меҳнатӣ дар ин кишвар муҳокима карданд. Дар мулоқот таъкид шуд, ки шаҳрвандон пеш аз сафар бояд забони олмониро дар сатҳи муошират омӯзанд, малакаҳои касбии худро такмил диҳанд ва бо талаботи корфармоёну қонунгузории меҳнатии кишвари мизбон шинос шаванд.

Ҳадафи ҳамкорӣ фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва ба роҳ мондани ҷалби муназзами қувваи корӣ ба Олмон арзёбӣ мешавад.



БАХТИЁР РАҲИМОВ ПАС АЗ МАРГАШ ҚАДРДОНӢ ШУД

Бахтиёр Раҳимов, ҳаҷвнигори шинохтаи тоҷик ва раҳбари гурӯҳи ҳаҷвии «Ғариб-шо-компания» пас аз маргаш бо медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ шуд. Ин нишонро намояндаи Ҳукумати кишвар ба ҳамсар ва писари марҳум супорид.

Баҳси унвон надоштани Бахтиёр Раҳимов баъди маргаш дар шабакаҳои иҷтимоӣ доғ шуд. Баъди як ҳафта, дар нишасти матбуотии Вазорати фарҳанг, масъулони ин ниҳод сабаби ба ҳаҷвнигор надодани унвонҳои «Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон» ё «Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон»-ро пешниҳод нашудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба вазорат ва дар ягон муассисаи зертобеи он фаъолият накардани ӯ арзёбӣ карданд.

Бахтиёр Раҳимов рӯзи 30-юми июн дар синни 57-солагӣ даргузашт. Ӯро рӯзи 1-уми июл дар зодгоҳаш - шаҳри Ҳисор ба хок супурданд. Номбурда аз зумраи ҳаҷвнигороне буд, ки мушкилоту масъалаҳои доғи ҷомеаро боҷуръат, бепарда ва ҳатто дар ҳузури мақомдорони баландпояи кишвар ва Президенти ҷумҳурӣ зери тозиёнаи танз мекашид.

САРИ САБЗ



Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ, раиси "Хирадсарои Фирдавсӣ"

- Ҳамаи қолабҳои шеъри форсиву тоҷикӣ, аз қасидаву ғазал то рубоиву маснавӣ дар вазнҳои мухталиф, дар ҳудуди 1000 байти боқимондаи устод Рӯдакӣ дида мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки тамоми мероси адабии мо фарзандони устод Рӯдакӣ ҳастанд.

- Ана барои ҳамин, ҳар гоҳе касе беасос даъвои ворисии устод Рӯдакӣ мекунад, шумо ҳам метавонед бо сухан зарбаҳои муҳлик бар ӯ бизанед. Ба ҳамин васила, ба фарзандони устод хизмати арзандаву лоиқи ситоиш мекунед.



Сурач МЕРАБОНОВ, яке аз ғолибони "Табиби сол-2026"

- Ба мо диплом доданд ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 15 ҳазор сомонӣ. Лекин барои ман аз ҳама ҳадяи бузуггарин ин боварии беморонам аст. Маблағе, ки аз озмун ба ман доданд, болои он як миқдор маблағи дигар зам намуда, ба ду бемор, ки сахт ба пул ниёз доранд, медиҳам.

- Офарин, беҳтарин корро мекунед, ҷавонмарди саховатпешаву хирадманд ва инсондӯст. Ин тасмими шумо намунаи ибрат барои ҳамаи дигар ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии "Табиби сол-2026" аст.



Игор Ангеловский, сармураббии тими миллии Тоҷикистон


- Ман аз футболбозон омодагии комил, интизом ва тамаркузи баландро дар майдон талаб мекунам, зеро танҳо бо чунин муносибат мо метавонем пеш аз Ҷоми Осиё-2027, ки моҳи январ баргузор мешавад, ба саволҳои зарурӣ ҷавоб пайдо кунем.

- Дуруст ва ҳатман аз сухан ба амал гузаштан лозим. Яъне, аллакай пеш аз майдон баромадан болои омодагиву интизоми комил тамаркуз кардан лозим аст. Ба саволҳои зарурӣ бошад, вақт худаш ҷавоб медиҳад.

ЭҲЁИ ЭЪТИМОД

Сироҷиддин Муҳриддин дар СММ

ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН ДАР НЮ-ЙОРК БА ҲАЙАТИ КИШВАР ДАР ҲАФТАИ САТҲИ БАЛАНДИ ИҶЛОСИ 81-УМИ МАҶМАИ УМУМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД РОҲБАРӢ МЕКУНАД. ИН ҲАМОИШ ДАР ШАРОИТЕ БАРГУЗОР МЕШАВАД, КИ ҶАНГҲО, ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ, БУҲРОНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА РАҚОБАТИ ДАВЛАТҲОИ БУЗУРГ ЗАРУРАТИ ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИРО БЕШТАР КАРДААНД.



МУЛОҚОТҲОИ ВАЗИР ДАР НЮ-ЙОРК

Бино ба иттилои Вазорати корҳои хориҷӣ, ҳайати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сироҷиддин Муҳриддин 20-уми сентябр ба Ню-Йорк сафар кард. Дар барномаи сафар суханронии вазир дар мубоҳисаҳои умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои канорӣ ва мулоқот бо намояндагони давлатҳо ва ниҳодҳои СММ пешбинӣ шудааст.

22-юми сентябр Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷӣ ва равобити байналмилалии Лесото Лимфо Ҷастис Тау мулоқот намуд. Ҷонибҳо масъалаҳои иқтисод, тиҷорат, саноат, сайёҳӣ ва обу энергетикаро баррасӣ карда, баёнияи муштарак дар бораи баркарор кардани муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Лесоторо имзо карданд.

Дар мулоқоти дигар бо вазири молияи Гренада Денис Корнвол созишнома дар бораи мутақобилан бекор кардани талаботи раводид ба имзо расид. Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ҳамчунин бо Мигел Анхел Моратинос, намояндаи олии СММ оид ба Иттиҳоди тамаддунҳо ва Фелипе Пауллер, ёвари дабири кулли СММ оид ба масъалаҳои ҷавонон мулоқот кард. Тарафҳо таҳкими фарҳанги сулҳ, муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҷалби ҷавонон ба равандҳои сулҳсозиро баррасӣ намуданд.

ИҶЛОСИ ИМСОЛА ЧӢ ВИЖАГӢ ДОРАД?

Мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 81-уми Маҷмаи Умумӣ аз 22 то 28-уми сентябр, ба истиснои 27-уми сентябр, баргузор мешаванд. Шиори имсола «Эҳёи эътимод, идораи дигаргуниҳо: Созмони Милали Муттаҳид», ки ба нафъи ҳама натиҷа медиҳад» (“Restoring Trust, Managing Transformation: A United Nations That Delivers for All.”) мебошад. Ин унвон ба яке аз масъалаҳои марказии сиёсати ҷаҳон ишора мекунад, ки чӣ гуна давлатҳо метавонанд дар шароити ихтилофҳои ҷиддӣ барои ҳалли мушкилоти муштарак ҳамкорӣ намоянд.

Дар мубоҳисаҳои имсола ҷанги Русия ва Украина, танишҳои Шарқи Наздик, аз ҷумла буҳрони Эрон ва Амрико, вазъи Ғазза, ҷанги Судон ва оқибатҳои гуманитарии онҳо аз мавзуҳои муҳими рӯз мебошанд. Илова бар ин, масъалаҳои тағйирёбии иқлим, амнияти иқтисодӣ, рушди зеҳни сунъӣ ва зарурати ислоҳоти ниҳодҳои байналмилалӣ баррасӣ мешаванд.

Барномаи ҳафтаи сатҳи баланд танҳо аз суханрониҳои сиёсӣ иборат нест. Рӯзи 23-юми сентябр чорабиниҳо оид ба иқлим ва гузариши одилона ба манбаъҳои нави энергия, инчунин 40-солагии Эъломияи ҳуқуқ ба рушд баргузор мешаванд. Рӯзҳои баъдӣ масъалаҳои болоравии сатҳи баҳр, омодагӣ ба пандемияҳо ва муборизаи бо нажодпарастӣ дар нишастҳои махсус баррасӣ хоҳанд шуд.

ТОҶИКИСТОН КАДОМ МАСЪАЛАҲОРО БАРРАСӢ МЕКУНАД?

Бо назардошти самтҳои фаъолияти байналмилалии Тоҷикистон, масъалаҳои об, пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор барои ҳайати кишвар аҳаммияти хос доранд.

Тоҷикистон солҳои охир масъалаи обро ба яке аз самтҳои намоёни дипломатияи худ табдил додааст. Моҳи майи соли 2026 дар Душанбе Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи амал «Об барои рушди устувор» баргузор шуд. СММ онро аз чорабиниҳои омодагӣ ба Конфронси оби соли 2026 арзёбӣ кардааст. Қарор аст ин конфронс моҳи декабр дар Ашхобод пойтахти Муттаҳидаи Араб баргузор гардад.

Мавзуи пиряхҳо низ бо манфиатҳои дарозмуддати Тоҷикистон пайванд дорад. Кам шудани захираҳои пиряхҳо барои таъмини об, кишоварзӣ ва нерӯгоҳи барқи обии минтақа аҳаммият дорад. Аз ин рӯ, ҳамоиши Ню-Йорк метавонад барои ҷалби таваҷҷуҳи шариконе байналмилалӣ ба масъалаҳои маблағгузорӣ дар соҳаи иқлим ва ҳифзи захираҳои обӣ истифода шавад.

ЛИТВА БА МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК РАВОДИД НАМЕДИҲАД

Литва қабули дархостҳои нави корияи муҳоҷирон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро муваққатан қатъ кардааст.

Индре Гаспере, роҳбари Идораи муҳоҷирати Литва 22-юми сентябр гуфт, ки сабаби тасмим афзоиши шумораи муҳоҷирон ва дархостҳои корӣ мебошад.

Ба иттилои мақомоти Литва, дар ин кишвар тақрибан 7400 шаҳрванди Тоҷикистон зиндагӣ ва кор мекунанд. Бештари онҳо дар соҳаҳои нақлиёт, сохтмон ва истеҳсолот фаъолият доранд.

Марказӣ қабули ҳуҷҷатҳои Литва дар Душанбе ҳанӯз соли 2025 баста шуда буд. Муҳлати дақиқи барқарор шудани қабули дархостҳо эълон нашудааст.

2,9 МЛРД ДОЛЛАР. ГАРДИШИ САВДОИ ЧИНУ ТОҶИКИСТОН

Гардиши савдои Тоҷикистон ва Чин соли 2025 ба 2,9 миллиард доллар расида, нисбат ба соли 2024-ум 46 дарсад афзудааст.

Ин маълумот 18-уми сентябр дар ҷаласаи 14-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Чин оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ дар Душанбе эълон гардид.

Ҷонибҳо рушди сармоягузорӣ, саноати кӯҳӣ, коркарди маъданҳо, нассоҷӣ, истеҳсоли пойафзол, энергетика ва нақлиётро баррасӣ карданд.

Таваҷҷуҳи махсус ба таъсиси корхонаҳои муштарак, коркарди амиқи ашёи хом ва афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ равона шуд.

Ёдовар мешавем, ки моҳи майи соли равон ширкатҳои ду кишвар ба маблағи 647 миллион доллар қарордодҳои ҳамкорӣ имзо карда буданд.

ТОҶИКИСТОН АЗ СУДИ ГААГА ХОРИҶ МЕШАВАД?

ТОҶИКИСТОН МАСЪАЛАИ ҚАТЪИ ИШТИРОКИ ХУДРО ДАР НИЗОМНОМАИ РИМ - САНАДИ ТАЪСИСДИҲАНДАИ СУДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶИНОЯТӢ БАРРАСӢ МЕКУНАД. ДАР ИН БОРА СОМОНАИ ПАРЛУМОНИ КИШВАР ХАБАР ДОДААСТ.



Рӯзи 16-уми сентябр Шурои Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон тарҳи қарор «Дар хусуси қатъ кардани амали Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ»-ро, ки ҳамчун суди Гаага низ маъруф аст, баррасӣ кард.

Дар хабари парлумон сабаби пешниҳоди тарҳ, муҳтавои қарори қабулшуда ва муҳлати эҳтимолии қатъи узвият мушаххас нашудааст. Дар феҳристи шартномаҳои СММ Тоҷикистон ҳамоно иштирокчии Низомномаи Рим сабт шудааст.

Тоҷикистон Низомномаи Римро 30-юми ноябри соли 1998 имзо ва 5-уми майи соли 2000 тасдиқ кардааст. Ин санад аз 1-уми июли соли 2002 барои кишвар эътибор пайдо намуд. Тоҷикистон ягона кишвари Осиёи Марказист, ки ба он ҳамроҳ шудааст. Хабаргузориҳои РБК, «Ведомости» ва «Коммерсантъ» ба баррасии ин тарҳ таваҷҷуҳ карда, онро дар заминаи баҳси боздошти Путин шарҳ додаанд.

Ёдовар мешавем, ки Суди байналмилалии ҷиноятӣ 17-уми марти соли 2023 қарори боздошти президенти Русия Владимир Путинро содир кард. Ӯ ба ҷиноятҳои эҳтимолии ҷангӣ вобаста ба интиқол ва ихроҷи ғайриқонунии кӯдакон аз минтақаҳои ишғолшудаи Украина муттаҳам мешавад. Путин ва мақомоти Русия ин иттиҳомҳоро рад мекунанд. Дархости боздошт ба Тоҷикистон 2-юми майи соли 2023 расонида шуда буд. Пеш аз сафари Путин ба Душанбе, 25-уми сентябри соли 2025, мақомоти Тоҷикистон ба суд ҷавоб доданд, ки иҷрои онро имконнопазир медонанд.

19-уми марти соли 2026 суд муайян кард, ки Тоҷикистон дархости ҳамкориро иҷро накардааст. Моҳи май ин масъала ба Маҷмаи давлатҳои иштирокчии Низомномаи Рим ирсол гардид. Ҳуқуқшиносон мегӯянд, ки мутобиқи Конститутсия ва қонунгузории Тоҷикистон, бекор кардани шартномаи тасдиқшуда ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон дохил мешавад. Барои Низомномаи Рим тасдиқи Маҷлиси миллӣ ё имзои президент ҳамчун шарти алоҳидаи бекоркунӣ талаб намешавад.

Баъди анҷоми расмиёти дохилӣ Тоҷикистон бояд Дабири кулли СММ-ро хаттӣ огоҳ кунад. Хориҷшавӣ танҳо як сол баъди гирифтани ин огоҳинома эътибор пайдо мекунад.

НЮ-ЙОРК АМРИКОВУ ЭРОНРО БА СОЗИШ МЕРАСОНАД?



ДАР ҲОШИЯИ МАҶМАИ УМУМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР НЮ-ЙОРК НАМОЯНДАГОНИ АМРИКО ВА ЭРОН ПАС АЗ МОҲҲО ТАНИШИ НИЗОМӢ МУЗОКИРОТ АНҶОМ ДОДАНД. ДОНАЛД ТРАМП, РАИСҶУМҲУРИ ИМА РӮЗИ 22-ЮМИ СЕНТЯБР ГУФТ, КИ ГУФТУГӮЙҲО ҲУДУДИ СЕ СОАТ ДАВОМ КАРДА, «СОЗАНДА» БУДАНД. ТЕҲРОН БОШАД, ТАЪКИД НАМУД, КИ ҲАДАФИ АСЛИИ ТАМОС РАСОНИДАНИ ШАРТҲОИ ЭРОН БАРОИ БОЗКУШОИИ ТАНГАИ ҲУРМУЗ БУДААСТ.

Ба гуфтаи Трамп, аз ҷониби Амрико намояндагони вижаи ӯ Стив Виткофф ва Ҷаред Кушнер дар музокирот иштирок карданд. Аз ҷониби Эрон вазири корҳои хориҷӣ Аббос Арақчӣ дар ин раванд ҳузур дошт. Раисҷумҳури Амрико хабар дод, ки нишасти дигаре низ ояндаи наздик дар назар аст. Трамп дар суханронии худ ишора кард, ки музокирот мустақим сурат гирифтааст, вале баъдан Виткофф тавзеҳ дод, ки гуфтугӯйҳо бо миёнҷигарии дипломатҳои кишварҳои сеюм сурат гирифтаанд. Баҳси асосии музокирот ба бозкушоии тангаи Ҳурмуз марбут будааст. Ин гузаргоҳи стратегӣ барои интиқоли нафт ва газ аз Халичи Форс аҳаммияти бузург дорад ва маҳдуд шудани ҳаракати киштиҳо дар он ба бозорҳои ҷаҳонии энергия таъсир мерасонад.

Расонаҳои давлатии Эрон хабар доданд, ки Арақчӣ дархости мулоқотро аз ҷониби Амрико пазируфта, шартҳои Теҳронро пешниҳод кардааст. Бино ба гузоришҳо, аз ҷумла қатъи муҳосираи баҳрии бандарҳои Эрон, озод кардани дороиҳои масдудшуда ва хотимаи амалиёти ҷангӣ аз талабҳои Эрон мебошанд. Коршиносон мегӯянд, ки аҳаммияти нишасти Ню-Йорк дар баркарор шудани тамос аст. Бо вуҷуди идомаи ихтилофҳо, ҳузури намояндагони баландпоя ва фаъолияти миёнҷиҳо имкон медиҳад, ки шартҳои тарафҳо мустақим ба якдигар расонида шаванд.

Аммо таҷрибаи қаблии Эрону Амрико нишон дод, ки “гуфтугӯйи созанда” ҳанӯз ба маънои созиши ҳосилшуда нест. Чун қаблан ҳам ин ду кишвар ба созиши оташбас расида буданд, вале танишҳо аз нав аланга гирифтанд. Ҳанӯз маълум нест, ки оё ҷонибҳо дар бораи тартиби бозкушоии Ҳурмуз, коҳиши маҳдудиятҳо ё қатъи амалиёти низомӣ ба мувофиқа расидаанд ё не. Дар ҳамин ҳол, ширкати Масъуд Пизишкиён, раисҷумҳури Эрон дар Маҷмаи умумии СММ таваҷҷуҳро ба эҳтимоли тамосҳои дипломатии сатҳи баланд ҷалб кардааст. Вале то замони таҳияи ин мавод мулоқоти ӯ бо Трамп расман тасдиқ нашудааст.



РАМАЗОН ҚОДИРОВ БОРИ ПАНҶУМ ПРЕЗИДЕНТ ШУД

РАМАЗОН ҚОДИРОВ ДАР ИНТИХОБОТИ РАҲБАРИ ҶУМҲУРИИ ЧЕЧЕНИСТОН БО КАСБИ 99,85 ДАРСАДИ ОВОЗҲО ПИРӮЗ ШУДА, БАРОИ ЯК ДАВРАИ ДИГАРИ ПАНҶСОЛА РАҲБАРИИ ИН ҶУМҲУРИИ ТОБЕИ РУСИЯРО БА ДАСТ ОВАРД.

Ба ҷонибдории Қодиров 830 ҳазору 690 нафар овоз додаанд, ки 99,85 дарсади раъйҳои иштирокчиёни интихоботро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, 831 ҳазору 946 нафар дар интихоботи раҳбари ҷумҳурӣ иштирок кардаанд.

Қодиров аз ҳизби ҳокими «Русияи воҳид» (Единая Россия) номзад шуда буд. Ду рақиби ӯ - Исмоил Денилхонов аз ҳизби «Русияи одил» ва Холид Накаев аз Ҳизби коммунист ҳар кадом тақрибан 0,05 дарсади овозҳоро соҳиб шудаанд.

Рамазон Қодиров аз соли 2007 раҳбарии Чеченистонро ба уҳда дорад. Ӯ баъди кушта шудани падараш Аҳмад Қодиров дар соли 2004 ба яке аз чеҳраҳои асосии сиёсии ин ҷумҳурӣ табдил ёфт. Ин дафъа ӯ барои панҷумин давраи раҳбарӣ интихоб шудааст.

МИРОНОВ ҲАМ БА ДУМА РОҲ ЁФТ



ҲИЗБИ ҲОКИМИ «РУСИЯИ ВОҲИД» (ЕДИНАЯ РОССИЯ) ДАР ИНТИХОБОТИ ДУМАИ ДАВЛАТИИ РУСИЯ ПИРӮЗ ШУДА, ТИБҚИ НАТИҶАҲОИ ПЕШАКӢ, 355 КУРСӢ АЗ 450 КУРСИИ ПАЛАТАИ ПОЁНИИ ПАРЛУМОНРО СОҲИБ ШУДААСТ. ИН АВВАЛИН ИНТИХОБОТИ ПАРЛУМОНИИ РУСИЯ БАЪДИ ОҒОЗИ ҶАНГИ ИН КИШВАР БО УКРАИНА МЕБОШАД.

Раъйдиҳӣ рӯзҳои 18-20-уми сентябр баргузор гардид. Ба иттилои Комиссияи марказии интихоботи Русия, баъди шумориши беш аз 95 дарсади овозҳо ҳизби «Русияи воҳид» 57,83 дарсади раъйҳоро ба даст овардааст.

Раиси Комиссияи марказии интихобот Элла Памфилова хабар дод, ки ин ҳизб аз ҳисоби рӯйхатҳои ҳизбӣ ва ҳавзаҳои якмандатӣ соҳиби 355 курсӣ мешавад.

Ҳизби коммунисти Федератсияи Русия бо 40 курсӣ, Ҳизби либерал-демократӣ бо 25 курсӣ ва ҳизби «Одамони нав» («Новые люди») бо 20 курсӣ дар парлумон намояндагӣ хоҳанд дошт.

Ҳизби «Русияи одил» («Справедливая Россия»)-и Сергей Миронов низ баъди шумориши 96,95 дарсади протоколҳо марраи панҷдарсадиро гузашта, имкони ворид шудан ба Дума аз рӯйи рӯйхати ҳизбиро ба даст овард. Миронов бо изҳороти зидду нақизаш ба муқобили муҳоҷирони Осиёи Марказӣ маъруф аст. Қаблан ҳадс мезаданд, ки Миронов эҳтимол раъйи лозимро барои интихоб шудан ба Дума ба даст наорад.

Дар ҳамин ҳол, ҳизби «Яблоко», ки ҷонибдори хатми ҷанги Русия дар Украина аст, аз иштирок дар рақобати умумимиллии рӯйхатҳои ҳизбӣ маҳрум гардид.

Гуфта мешавад, интихобот дар шароите баргузор шуд, ки ҳамлаҳои ҳавопаймоҳои бесарнишини Русия ва Украина ба ҳамдигар идома доштанд. Рӯзи охири раъйдиҳӣ - 20-уми сентябр Маскав низ ҳадафи ҳамлаҳои паҳподӣ қарор гирифт.



ГУНАҲҒОРИ «КРОКУС» ДАР АМРИКО СУД ШУД

СУДИ ФЕДЕРАЛИИ АМРИКО МУҲАММАД ШАРИФУЛЛОҲ, ШАҲРВАНДИ АФҒОНИСТОНРО БАРОИ ДАСТГИРИИ СОЗМОНИ ТЕРРОРИСТИИ «ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ - ВИЛОЯТИ ХУРОСОН» (ДОИШ-Х) БА 20 СОЛИ ЗИНДОН МАҲКУМ КАРД. МАҚОМОТИ ИМА МЕГӮЯНД, КИ Ӯ ДАР ОМОДАСОЗИИ ЧАНДИН ҲАМЛАИ ТЕРРОРИСТӢ, АЗ ҶУМЛА ҲАМЛА БА ТОЛОРИ «КРОКУС СИТИ ҲОЛЛ» ДАР НАЗДИКИИ МАСКАВ ДАСТ ДОШТААСТ.

Вазорати адлияи ИМА рӯзи 16-уми сентябр эълон кард, ки Шарифуллоҳ тайи қариб даҳ сол ба ин созмон кумак расонида, дар омодасозии беш аз даҳ ҳамлаи террористӣ иштирок кардааст.

Ба иттилои манбаъ, ӯ дар ҳамлаи маргталабонаи 26-уми августи соли 2021 назди фурудгоҳи Кобул низ нақш доштааст. Дар он ҳамла 13 низомии амрикоӣ ва тақрибан 160 шаҳрванди мулкӣ кушта шуданд.

Мақомоти Амрико ҳамчунин мегӯянд, ки Шарифуллоҳ ба омилони ҳамлаи 22-юми марти соли 2024 ба «Крокус Сити Ҳолл» тарзи истифодаи силоҳро омӯзонида, ҳангоми ҳамла бо онҳо дар тамос будааст.

Ӯ моҳи марти соли 2025 дар Покистон боздошт ва ба ИМА истирдод шуд. Ҳайати мунсифа моҳи апрели соли 2026 ӯро дар расонидани дастгирии моддӣ ба созмони террористӣ гунаҳкор донист.

ҲУШДОР БА МУҲОҶИРОН

Чӣ тавр хайрия ба мушкили ҳуқуқӣ табдил меёбад?

НАМОЯНДАГИИ ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУСИЯ РӮЗИ 22-ЮМИ СЕНТЯБР АЗ ШАҲРВАНДОН ДАЪВАТ КАРД, КИ ҲАНГОМИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒ ЭҲТИЁТКОР БОШАНД. МАҚОМОТ ҲУШДОР МЕДИҲАНД, КИ ДАР ПАСИ БАЪЗЕ МУРОҶИАТҲОИ ХАЙРИЯВӢ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ НА ТАНҲО ҚАЛЛОБОН, БАЛКИ ГУРӮҲҲОЕ НИЗ МЕТАВОНАНД ҚАРОР ДОШТА БОШАНД, КИ МАБЛАҒРО БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҶАМЪ МЕКУНАНД.



ДОМИ ҚАЛЛОБОН

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои беморон, кӯдакони ниёзманд ва оилаҳои осебдида зиёд нашр мешаванд. Одатан, чунин муроҷиатҳо бо дархости кумаки фаврӣ ва пешниҳоди рақами корти бонкӣ анҷом меёбанд. Аммо на ҳама гуна ҷамъоварии маблағ шаффоф аст.

Намояндагии Тоҷикистон таъкид кардааст, ки гурӯҳҳои манфиатҷӯ метавонанд бо истифода аз аксҳои тахрифшуда ва наворҳои сохташуда, аз ҷумла тавассути зеҳни сунъӣ ба эҳсосоти мардум таъсир расонанд.

Дар чунин ҳолат хайрхоҳ метавонад бидуни санҷидани воқеияти ҳодиса маблағашро ба шахси ношинос фиристад. Хатар он аст, ки баъди анҷоми интиқол муайян кардани гирандаи аслӣ ва баргардонидани маблағ мушкил мешавад.

Бонки марказии Русия низ аз истифодаи тасвирҳои қалбакӣ, тақлид ба овози шиносон ва дигар усулҳои фиреб ҳушдор додааст. Тавсияи асосии он санҷидани маълумот тавассути манбаи мустақил аст, на эътимод ба паёми қабулшуда.

МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ

Ҷанбаи ҷиддитари ҳушдори намояндагӣ эҳтимоли истифодаи хайрия барои маблағгузории терроризм мебошад. Дар муроҷиат гуфта мешавад, ки баъзе гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд бо баҳонаи кумак ба ниёзмандон ё зарардидагон аз шаҳрвандон пул ҷамъ кунанд.

Қисми 1.1-и моддаи 205.1-и Кодекси ҷиноятии Русия барои маблағгузории терроризм аз 8 то 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳатто ҳабси якумра муқаррар кардааст.

Бинобар ин, гоҳо муҳоҷирон ба аксияи “хайрия” ҳамроҳ шуда, нафаҳмида мемонанд, ки ба гурӯҳҳои фаъолияташон мамнуъ маблағ ирсол кардаанд.

ХАТАРИ КОРТҲОИ ШУБҲАОВАР

Намояндагӣ махсусан аз интиқоли маблағ ба кортҳои шахсӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва суратҳисобҳои шахсони сеюм ҳушдор медиҳад.

Чунин тарзи ҷамъоварӣ метавонад шаффофияти ҳаракати пулро кам кунад. Масалан, маблағ ба номи як нафар ҷамъ мешавад, аммо баъдан ба шахсони дигар интиқол меёбад ва хайрхоҳ намедонад, ки кумакаш воқеан ба кӣ расидааст.

Бонки Русия низ истифодаи кортҳои шахсони миёнаравро дар муомилоти шубҳанок яке аз масъалаҳои ҷиддӣ медонад. Ба иттилои ин ниҳод, соли 2025 ҳаҷми амалиёти шубҳанок дар бахши бонкӣ коҳиш ёфта, бонкҳо имкони ошкор кардани чунин муомилотро тақвият додаанд.

Албатта, истифодаи корти шахсӣ далели қатъии қаллобӣ нест. Баъзан нафарони бемор воқеан барои табобати наздиконашон маблағ ҷамъ мекунанд. Фарқ дар имкони тасдиқ кардани шахсияти гиранда, мақсади ҷамъоварӣ ва истифодаи минбаъдаи маблағ аст.

МУҲОҶИР ЧИРО БОЯД САНҶАД?

Дар муроҷиати намояндагӣ таъкид мешавад, ки шаҳрвандон бояд номи расмӣ, мақоми ҳуқуқӣ, реквизитҳои бонкӣ ва мақсади фаъолияти ташкилотро санҷанд.

Барои фондҳое, ки дар Русия сабти ном шудаанд, маълумоти бақайдгириро метавон тавассути феҳристи ташкилотҳои ғайритиҷоратии Вазорати адлияи Русия мушоиса кард. Бо вуҷуди ин, танҳо мавҷуд будани номи фонд дар феҳраст дурустии ҳар маъракаи ҷамъовариро кафолат намедиҳад.

Роҳи боэътимодтар он аст, ки шаҳрванд мустақилона ба сомона ё рақами расмии ташкилот муроҷиат карда, дурустии рақами суратҳисоб ва мавҷудияти маъракаи хайриявиро тасдиқ намояд.

Агар фиристодани маблағро фавран талаб кунанд, мақсади пардохтро пинҳон доштан хоҳанд ё рақами корт пайваста иваз шавад, ин ҳолатҳо барои санҷиши иловагӣ асос мебошанд.

Дар сурати интиқоли маблағ ба ҳисоби шубҳанок шаҳрванд бояд расиди бонкӣ, мукотиба, рақами суратҳисоб ва истинодди муроҷиатро нигоҳ дошта, фавран бо бонки худ тамос гирад. Агар эҳтимоли чиноят ё истифодаи ғайриқонунии маблағ вуҷуд дошта бошад, гирифтани машварати ҳуқуқӣ низ муҳим аст.

Д. ҚОДИРПУР

ТОП-10 маҳсулоти содиротии Тоҷикистон

аз аввали сол, бо млн. доллар



Манбаъ: Оҷонсии омор

РЕЗААХБОР

Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» дуюмин ҳавопаймои Boeing 737 MAX-и худро қабул кард. Ҳавопаймо 12-уми сентябр дар Душанбе ба таври тантанавӣ истиқбол гирифта шуда, ба ифтихори асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ номгузорӣ гардид. Он барои 174 мусофир - 12 нафар дар дараҷаи «Бизнес» ва 162 нафар дар дараҷаи «Эконом» пешбинӣ шудааст.

***

Шоир ва нависандаи тоҷик Тимур Зулфиқоров барандаи Ҷоизаи ҷаҳонии адабии WOW эълон шуд. Ба иттилои The Silk Road Today, ӯ яке аз шаш нафарест, ки соли 2026 ба ин ҷоиза сазовор дониста шудаанд. Дар баробари ӯ ходимони фарҳанг аз Русия, Нигерия, Чин ва Колумбия низ қадрдонӣ гардидаанд.

***

Тоҷикистон ният дорад соли 2027 аз содироти меваю сабзавот 117 миллион доллар даромад ба даст орад. Тибқи дурнамои тасдиққардаи Ҳукумати кишвар, ҳаҷми содироти ин навъи маҳсулот дар соли оянда ҳудуди 220 ҳазор тонна пешбинӣ шудааст.

***

Аз 24 то 26-уми сентябр дар Душанбе бо иштироки намояндагони 115 ширкат аз 22 кишвар намоишгоҳ ва форуми сайёҳӣ баргузор мешавад. Ба иттилои Кумитаи сайёҳӣ, намояндагони меҳмонхонаҳо, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, агентиҳои сайёҳӣ, муассисаҳои фарҳангӣ ва сармоягузорон имкониятҳои рушди соҳа ва роҳандозии ҳамкориҳоро баррасӣ мекунанд.

***

Ҳудуди 95 дарсади кормандони Ширкати кӯҳии Тоҷикистону Чинро сокинони маҳаллӣ ташкил медиҳанд. Ба иттилои дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон, ҳоло дар ширкат ва корхонаҳои он 2200 нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд.



“Аз тарс назди мардум ҳақиқатро гуфтан душвор аст, аз тарс назди вичдон - дурӯғ”.

Ҳикмати озарӣ

Воқеан, ҳамин гуна аст, ки дар ин дидгоҳ возеҳ ба назар мерасад, ҷаноби Хоҷаев. Инсони комил метавонад аз ҳама чиз гурезад, аммо аз вичдони худ не. Метавон ҷурмеро аз чашми мардум пинҳон кард, вале онро дар қалби худ пинҳон кардан душвор аст. Зеро вичдон садои ботиниест, ки ҳамеша бо инсон зиндагӣ мекунад. Албатта, бо инсони комил! Хавфноктарину бадкештарин одам нафарест, ки садои вичдонро намешунавад.

Баъзан мо назди интихоби душвор, дар дуроҳа қарор мегирем: ҳақиқатро бигӯем ё дурӯғ, ба нафаре ёрӣ расонем ё дастафшону бепарво гузарем, гуноҳи худро эътироф намоем ё онро ба гардани дигарон бор кунем? Дар чунин лаҳзаҳо вичдон ба ҷунбиш меояд, гӯё мепурсад: “Ту чӣ гуна инсон будан мехоҳӣ?”. Ин савол сода менамояд, вале посух ба он метавонад тамоми зиндагии баъдии инсонро тағйир диҳад.

Чанде пеш дар саҳифаи “Фейсбук” назари зиёии тоҷик Абдуғаффор Раҳмонзодаро хондам. Ӯ навишта буд: “Ҳангоми шикастани як пиёла се ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст: Агар кӯдаке шиканад, мегӯянд: “Эй хок бар сарат, дасту по надоштӣ?”, агар модаре шиканад, мегӯяд: “Алҳамдулиллоҳ, ҳар қазову ҳар балое буд, ба сари ин пиёла расид” ва агар падаре шиканад, мегӯяд: “Ман намедонам, ин пиёларо кӣ дар инҷо гузоштааст?””. Яъне, набарди вичдон бо адолат...

Мутаассифона, одамоне ҳастанд, ки ба хотири манфиати худ вичдонро фаромӯш мекунанд, дӯстам Хоҷаев.

МЕГӮЯНД, КИ “ВИҶДОН ДАНДОН НАДОРАД, АММО МЕГАЗАД”. ВАЛЕ “ВИҶДОНИ БЕДАНДОН” ИН ТОИФАРО НАГАЗИД, КИ НАГАЗИД.

Онҳо метавонанд дигаронро фиреб диҳанд, ба касе зарар расонанд ё ҳақиқатро пинҳон созанд. Аммо оё чунин инсонро ҳангоми танҳо мондан қалбаш маҳкум намекарда бошад? Зеро, вичдон мол нест, ки онро харидуфурӯш карда шавад. Вичдонро бо корҳои нек, ростқавлӣ, меҳрубонӣ ва адолат дар худ парваридан мумкин аст. Ба ҳамин хотир, пеш аз ичрои ҳар амале бояд аз худ бипурсем, ки “агар ҳама ин кори анҷомдодаи маро медиданд, аз кардаам шарм медоштам ё ифтихор мекардам?”. Дар ҳоле ки шарм доштан аз ҷурм ҳам як навъ назокату матонати инсон аст. Тавре олими англис Чарлз Дарвин мегӯяд: “Қобилияти сурх шудан аз хостарин ва инсонитарин хислатҳои одам аст”.

Нисфирӯзие бо чанд нафар ҳамкорон барои тановули ғизо ба ошхона рафтем. Баъди хӯрдани ғизо як ҳамкорамон зардолуобро нӯшидаву гуфт, ки тамоман таъм надоштааст. Гуфтем, ки таъм надошт, намегирифтӣ. Гуфт: “Чун таъмашро чашида будам, вичдонам нагузошт баргардонамаш”.

Дигар лаҳза ин ки, боре рӯй ҷониби маркази савдои “Садбарг” шитоб доштам. Дар чорроҳаи Вазорати маориф ва илм марде ду халтаи пурбор дар даст, аз кадом роҳ гузаштани маршруткаи №8-ро пурсид. Гуфтам, ки аз роҳи наздикии “Ашан”. Ӯ рафту баъд ба хотирам расид, ки хатсайр иваз шудаву маршруткаи №8 аз ҳамон роҳи канораш истодаам мегузарад. Аз паси мард шитофтам, ӯро дарёб намуда, маъзарат хостам, ки хато роҳнамой кардаам. Табъаш хеле болида шуд. Бо вуҷуди бори вазнини дастонаш, хушҳолона роҳашро дигар кард. Ман ҳам, баъди сабукдӯш шудан аз бори вичдон, аз пайи кори худ рафтам.

Пас, дақиқан вичдон чист, рафиқ Хоҷаев? Оё он танҳо ҳисси пушаймонӣ баъди кори нодуруст аст? На танҳо ин. Вичдон пеш аз ҳама масъулияткиносӣ, ростқавлӣ ва эҳтиром ба инсон будан аст. Шахсе, ки вичдон дорад, ҳатто вақте касе ӯро намебинад, кори нек мекунад.

Фазлиддин АСОЗОДА

ҶАВОНТАРИН АКАДЕМИКИ ТОҶИК

14-УМИ СЕНТЯБР, АГАР УСТОДИ НЕКНОМИ МО МУЪМИНОВ ҲИКМАТ ҲАЛИМОВИЧ ЗИНДА МЕБУДАНД, ШАСТСОЛА МЕШУДАНД.

Бо устод Ҳикмат Муъминов мо ҳанӯз дар замони курси ду ё се будан шинос шуда будем. Он замон устод директори Институти физикаю техникаи ба номи С. У. Умаров буданду ба мо дар утоқи кориашон аз фанни механикаи квантӣ дарси иловагӣ мегузаштанд ва мо доир ба мушкилоти ин фан суҳбат мекардем. Маҳз бо ташвиқи он кас ва дигар устодони факултети физикаи ДМТ мо ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмӣ самти омӯзиши нурҳои кайҳониро интихоб карда будем, зеро он замон лоиҳаи таҷрибаи байналмилалии “Помир-Чақалтой” бо як ҷӯшу хурӯш пеш мерафт ва барои амалӣ кардани он мутахассисони ҷавон лозим буданд.

Як чизи фарқкунандаи устод аз дигарон дар он буд, ки он кас дар оилае, ки чанд насл зиёӣ ва аҳли илм буданд, ба дунё омадаанд. Падарашон Муъминов Ҳалим Қаҳҳорович зодаи шаҳри Бухоро буда, яке аз шарқшиносони шинохтаи Тоҷикистон ва муаллифи аввалин дастурҳои таълимӣ буданд. Модарашон Фия Абдулбариевна Исаева низ яке аз донишмандони саршиноси лингвистика ва шарқшиносӣ буда, то охири умр дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекарданд. Бобои модариашон Исаев Абдулборӣ Низомутдинович яке аз рӯҳониёни шинохта буда, муддате имом-хатиби масҷиди ҷомеи Ленинград буданд ва баъдан чун муфтии Идораи марказии рӯҳонии мусалмонони Русия (ЦДУМ России) фаъолият кардаанду тарҷумони китоби “Қуръон” ба забони тоторӣ мебошанд.

Яъне, устод дар чунин муҳити аҳли илм ва зиёиёни асил ба дунё омада, ба омӯзиши илм пардохтаанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ба фарқ аз дигар намояндагони фанҳои дақиқ, устод Муъминов ҳам таъриху адабиётро хуб медонистанду ҳам фарҳангу тамаддуни тоҷикро дар байни хориҷиён дар беҳтарин сурат муаррифӣ мекарданд. Бо забонҳои русӣ, англисӣ ва арабӣ озодона ҳарф мезаданд.

Мактабро бо медали тило (1983), донишгоҳро бо дипломи аъло (1988) хатм кардаанд. Дар синни 25-солагӣ рисолаи номзадиро дар мавзуи “Теоретические исследования и математическое моделирование некоторых спиновых систем” дар Пажӯҳишгоҳи муттаҳидаи таҳқиқоти ҳастаӣ (ОИЯИ) дар шаҳри Дубна ҳимоя менамоянд. Баъди хатми докторантураи пажӯҳишгоҳи номбурда дар синни 30-солагӣ рисолаи докториро дар мавзуи “Вопросы теории нелинейных явлений в анизотропных магнетиках с учетом мультипольных моментов” дифоъ менамоянд.

Устод Ҳ. Ҳ. Муъминов дар вазифаҳои гуногун - ходими пешбари илмии Озмоишгоҳи физикаи назариявии ба номи Н. Н. Боголюбови ПМТҲ (1996-99), профессори кафедраи физикаи назариявии ДМТ (1999-2006), директори Институти физикаю техникаи ба номи С. Умаров (2006-17) ва ноиби президенти АМИТ, раиси Шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2017-2020) фаъолият кардаанд.



Ҳамчунин соли 2005 ба ҳайси профессори даъватшуда дар Донишгоҳи технологии Массачуссетс (Massachusetts Institute of Technology) фаъолият кардаанд.

Устод Ҳикмат Ҳалимович дар синни 38-солагӣ (2004) узви вобастаи АИ ҶТ ва соли 2017 ба сифтаи узви пайваста интихоб мешаванд.

Аълочии маорифи Тоҷикистон (2015), дорандаи Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, ки дар соҳаи илм ва техника (1998) ва барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино (2020) мебошанд.

Устод пас аз муборизаи тӯлонӣ бо беморӣ 21-уми октябри соли 2021 дар шаҳри Москва аз дунё даргузаштанд ва дар Оромгоҳи Лучоб ба хок супорида шуданд.

Хушбахтона, писари устод Солеҳ Муъминов кори падари бузургашро идома дода, Донишкадаи физикаю техникаи Маскав (МФТИ)-ро хатм карда, дар самти физикаи квантӣ таҳқиқот анҷом медиҳад ва ҳоло дар Маркази квантии Русия фаъолият мекунад.

Ризо БАҲРОМЗОД,
корманди АМИТ

ЧАРО ГУЗАШТАРО ФАРОМӮШ МЕКУНЕМ?

Маим Ватанова соли 1914 дар деҳаи Кундошаҳр ба дунё меояд. Дар 22-солагиаш ба кори омӯзгорӣ пардохтааст. Қариб 30 сол муаллими синфҳои ибтидоии деҳаҳои гуногун буд. То охири ҳаёт дар мактаби №2 ба номи К. Маркси ноҳияи Муъминобод кор кард. Солҳои 1938-1947 вакили Шурои Олии Тоҷикистон аз ҳавзаи Кундошаҳр №210 буд. Лекин касе имрӯз аз ин омӯзгори нахустини Муъминобод, яке аз нахустин вакилзанон ёд намекунад. Кӯчае ё мактаберо, деҳаеро ба номаш нагузоштанд.

Чаро бо ибтикори баъзе «забоншиносон»-у «таърихдонҳо» ба ҷойи номи ин гуна шахсиятҳоро зинда гардонидан ба деҳаҳо номҳои сохтаю ночаспон, бофтаю истеҳзоомез, такрор ба такрор Чашмасор, Чашмасорон, Ҳамдеҳ, Тутиён гузошта омада истодаанд?

Ё ин ки ба мисли Маим аз Каримова Гадобегим, зодаи деҳаи Муъминобод, солҳо раиси ҷамоати Муъминобод, ҷонишини раис, Зебо Гадоева - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, пахтакорзан, бригадири номдор кӣ ёде, хотирае дорад? Бо чӣ сабаб аз хизматҳои шоистаи молиячӣ Убайд Хоҷаев, раисони номдор Лашкарӣ Боронов, Бозор Бухориев, Наим Раҳмат, ветеранҳои ҷанг Маст Каримов, Қурбон Назаров, табибон Одина Нозимов, Ҷумъа Ҳасанов, маорифчиёни варзида Абдулло Азимов, Дуст Бегаҳмадов, Исҳоқҷон Ҳасанови бухоройӣ, Амир Ғоибов, Икром Набиев, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Бобоев, санъаткорони машҳур Зулайхо Раҳимова, Абдураҳим Давлатов ва даҳҳо, садҳо номбардорони вақту замон дар ҷойе, ҷамъомаде, тантанае, бо як даҳон сухан ёд намекунем?

Ва ин гуна муносибати хунукназарона танҳо хоси як ноҳияи Муъминобод набуда, дар кулли шаҳру навоҳии Тоҷикистон ҳукмфармост. Гузаштаҳо ку майлаш, ҳатто имрӯзҳо чунин муносибати сарди мансабдоронро ба собиқадорони соҳаҳои гунгогуни маорифу фарҳанг, тандурустию сохтмон, алоқаю кишоварзӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки пас аз меҳнати содиқона ба халқу ватан ва бознишаста шудан фаромӯш мешаванд. Ҳатто нашрияҳои маҳаллӣ ба ёди гузаштагони дар ҳақиқат қаҳрамон, меҳнатқарин, ободгари Ватан қариб ки чизе наменависанд.

Дар ин масъала бояд андеша кунем, зеро хотираи некро пос доштан вазифаи ҳар яки мост.

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор,
н. Муъминобод

АДРАСМОН

Эҳёи корхонаи саноатӣ пас аз 13 соли таваққуф

Яке аз рӯйдодҳои асосии сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд оғози фаъолияти истеҳсолии Комбинати маъдантозакунии Адрасмон дар шаҳри Гулистон мебошад. Ин корхона, ки таърихи тӯлонии фаъолият дорад, аз соли 2013 бинобар қатъ шудани маблағгузорӣ ва мушкилоти истеҳсолӣ аз фаъолият боз монда буд.



44 МИЛЛЛИОН ҚАРЗ

Дар асоси созишномаи сармоягузории 31-уми июли соли 2025 байни Ҳукумати Тоҷикистон ва ҶДММ «АСИМ» корҳои барқарорсозӣ ва васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ дар ин корхона оғоз гардиданд.

Тавре 21-уми сентябри соли равон ба Президенти кишвар ҳангоми ифтитоҳи корхонаи мазкур иттилоъ дода шуд, иқтидори лоиҳавии корхона истихроҷи ду миллион тонна маъдани сурбу нуқра дар як сол мебошад. Дар он истеҳсоли то 200 тонна нуқра ва 20 ҳазор тонна сурб пешбинӣ шудааст. Инчунин, дар наздики кон корхонаи маъдантозакунӣ аз нав бунёд шуда, бо таҷҳизоти нав муҷаҳҳаз гардидааст.

Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, дар корхона бахшҳои майдакунӣ, осиёб, флотатсия ва дигар марҳалаҳои коркарди маъдан ба роҳ монда шудааст. Истеҳсоли нахустин консентрати таҷрибавии сурбу нуқра оғоз ёфтааст.

Барои эҳёи корхона зиёда аз 200 воситаи нақлиёт ва таҷҳизоти муосир ворид карда шудааст. Хатҳои барқ, зеристгоҳҳо, роҳҳои дохилӣ, нақбҳо ва иншооти ёрирасон низ навсозӣ гардидаанд.

Ба иттилои масъулин, қарзҳои ҷамъшудаи корхона, ки дар 12 сол беш аз 44 миллион сомониро ташкил дода буданд, марҳала ба марҳала пардохт мешаванд. Пас аз расидан ба иқтидори пурра дар комбинат беш аз ҳазор нафар бо кор таъмин хоҳанд шуд.

ЧАРО АДРАСМОН 13 СОЛ КОР НАКАРД?

Маврид ба зикр аст, ки корхонаи маъдантозакунии Адрасмон яке аз корхонаҳои муҳими саноатӣ дар вилояти Суғд ба шумор меравад. Ин корхона аз соли 2013 инҷониб аз фаъолият бозмонда буд. Корхона бо сабаби муфлисшавӣ ба тобеияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда буд. Ин корхона дар шаҳраки Адрасмони шаҳри Гулистони вилояти Суғд ҷойгир аст.

> **ҚАРЗҲОИ ҶАМЪШУДАИ КОРХОНА, КИ ДАР 12 СОЛ БЕШ АЗ 44 МИЛЛИОН СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОДА БУДАНД, МАРҲАЛА БА МАРҲАЛА ПАРДОХТ МЕШАВАНД. ПАС АЗ РАСИДАН БА ИҚТИДОРИ ПУРРА ДАР КОМБИНАТ БЕШ АЗ ҲАЗОР НАФАР БО КОР ТАЪМИН ХОҲАНД ШУД.**

Вазифаи асосии комбинат истихроҷ ва ғанигардонии маъданҳои сурбу нуқра аст. Манбаи муҳими ашёи хоми он кони «Мансури Шарқӣ» ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқи таърихи корхона нишон медиҳад, ки сабаб танҳо камбуди маблағ набуд. Якчанд мушкил ба ҳам пайваст шуданд. Пеш аз ҳама, хусусигардонии соли 2006 ва мушкилоти сармоягузорӣ. 17-уми июли соли 2006 корхона дар музояда аз ҷониби ширкати қазоқистонии «Казинвест минерал» харидорӣ шуд. Қисми зиёди сармояи вориднамудаи ин ширкат барои пӯшонидани қарзҳои кредитории комбинат ва хариди таҷҳизоте равона шуд, ки барои истеҳсолот зарур набуданд. Дар натиҷа, корхона пас аз хусусигардонӣ ба афзоиши устувори ҳаҷми истеҳсолот ноил нагардид. Мушкили дигар коҳиши нархи нуқра ва кам шудани даромаднокии маъдани истихроҷшаванда буд. Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, корхона аз моҳи июли соли 2013 бо қарори соҳибмулки пешина фаъолияти истеҳсолиро қатъ кард. Сабабҳои зикршуда паст шудани даромаднокии маъдан ва нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ буданд. Корхона муфлис гардид ва минбаъд ба ихтиёри давлат гузашт.

ҚАРЗҲОИ КАЛОНУ ИНФРАСОХТОРИ ФАРСУДА

Мушкили дигари ҷиддӣ қарзҳои ҷамъшуда буданд. Корхона он вақт тақрибан 43 миллион сомонӣ қарз дошт. Аз ин маблағ зиёда аз 12 миллион сомонӣ ба қарзи музди меҳнати кормандон рост меомад. Сармоягузорони эҳтимолӣ барои пардохти қарзи музди меҳнат омодагӣ нишон медоданд, вале намехостанд тамоми қарзҳои андоз, нерӯи барқ ва бонкиро ба зимма гиранд. Яъне Адрасмон на танҳо ба сармоягузори нав, балки ба ҳалли мушкилоти молиявӣ ва ҳуқуқии аз солҳои пеш боқимонда эҳтиёҷ дошт. Дар натиҷа таваққуфи тӯлонӣ мушкилоти нав ба вуҷуд оварда буд. Баъди қатъ гардидани маблағгузорӣ нақбҳои кони «Мансури Шарқӣ» ва нақби нақлиётии №1 зери об мондаанд. Қисми зиёди таҷҳизоти зеризаминӣ аз кор баромада, дастгоҳҳои рӯйизаминӣ низ фарсуда шудаанд.

Бинобар ин, барои эҳёи комбинат танҳо таъмири одӣ кофӣ набуд. Зарурати амалан аз нав сохтани иқтидорҳои истеҳсолӣ ба миён омад.

Акнун саволе ба миён меояд, ки эҳёи корхона барои иқтисоди Тоҷикистон чӣ аҳаммият дорад? Бино ба иттилои расмӣ, баъди расидан ба иқтидори пурра корхона беш аз 1000 нафарро бо кор таъмин хоҳад кард. Комбинат метавонад ба рушди тиҷорат, нақлиёт, хизматрасонӣ ва дигар фаъолиятҳои вобаста дар шаҳраки Адрасмон низ мусоидат намояд.

Масъалаи ҷойи кор барои аҳолии маҳаллӣ махсусан муҳим аст. Зеро баъди аз кор мондани комбинат бисёре аз мардум ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд. Инчунин, афзоиши содироти маҳсулоти саноатӣ. Нуқра ва сурб маҳсулоти дорои таботи байналмилалӣ мебошанд. Дар сурати ба иқтидори пешбинишуда расидани комбинат ва ба роҳ мондани фурӯши маҳсулот, барои Тоҷикистон имкони афзоиши даромади содиротӣ ба вуҷуд меояд. Ин даромад ба ҳаҷми воқеии истеҳсол, сифати консентрат, харочоти коркард, нархҳои ҷаҳонӣ ва шартҳои фурӯш вобаста хоҳад буд. Аҳаммияти дигари ин корхона афзоиши даромади буҷет аст. Зеро, бино ба маълумоти омории солҳои қабл, Адрасмон дар гузашта яке аз андозсупорандагони калони кишвар будааст. То қатъи истеҳсол ва фаъолияти корхона ба буҷет солона то 12 миллион сомонӣ андоз ворид мекард. Ҳамчунин, афзоиши истеҳсоли сурб ва нуқра метавонад ба рушди соҳаи истихроҷ ва коркарди маъдан таъсир расонад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ПЕШГӮИИ ВАЗЪИ ИҚТИСОДӢ ТО ОХИРИ СОЛИ 2026

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва нишондиҳандаҳои таваррум дар Тоҷикистон то охири соли ҷорӣ тағйир хоҳанд ёфт.

Бонки Рушди Авруосиё ин маълумотро дар баррасии макроиқтисодии худ зикр мекунад. Коршиносон пешгӯӣ мекунанд, ки ин нишондиҳандаҳо дар моҳҳои оянда каме афзоиш хоҳанд ёфт - мутаносибан 0,01% ва 0,06%. Ғайр аз ин, омор нишон медиҳад, ки аз аввали соли 2026 Тоҷикистон тиҷорати хориҷии худро то 7,9 млрд доллар ё 28,8% дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта афзоиш додааст. Инчунин, Бонки Рушди Авруосиё таъкид кардааст, ки ҳаҷми умумии содироти кишвар 57,2%, аз ҷумла маъданҳо (48%), металлҳои қиматбаҳо ва матоъҳо (32%) афзоиш ёфтааст. Дар гузориши бонк гуфта мешавад, ки Тоҷикистон воридоти мошинҳо ва таҷҳизотро 39% афзоиш додааст. Ин дар ҳолест, ки ҳаҷми умумии молҳои воридшуда 38,6% афзоиш ёфтааст. Ба таъкиди коршиносони ин бонк, густариши тиҷорати хориҷӣ яке аз омилҳои пешрафти рушди иқтисодии кишвар аст.

500 МИЛЛИОН - ҲАДАФИ ТОҶИКИСТОНУ БЕЛАРУС

Сафири Тоҷикистон дар Беларус Бахтовар Сафарзода дар гуфтугӯ бо расонаҳои беларусӣ гуфт, ки дар тӯли 30 сол муносибатҳои дӯстона ва шарикии стратегӣ байни Минск ва Душанбе барқарор шуда буд.

Вай гуфт, ки то соли 2025 гардиши мол байни ду кишвар ба сатҳи баланди таърихӣ расида, бештар аз 222 миллион долларро ташкил дод. Сафир қайд кардааст, ки ҳар ду кишвар ният доранд ин рақамро то 500 миллион доллар расонанд. Сафир ҳамчунин афзуд, ки дар ҳоли ҳозир робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ба сатҳи нав расидаанд. Лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва сабук, дорусозӣ ва дигар бахшҳо амалӣ карда мешаванд. “Душанбе ва Минск айни замон шаҳрҳои бародар мебошанд ва робитаҳои устувори тиҷоратӣ ва башардӯстона байни минтақаҳои Тоҷикистон ва Беларус нигоҳ дошта мешаванд. Дар солҳои охир сафарҳои мутақобилаи ҳайатҳои минтақавӣ, форумҳои тиҷоратии иқтисодӣ ва вохӯриҳои намояндагони тиҷорат баргузор шудаанд",- гуфт Сафарзода Бахтовар.

ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД: АЗ НЕРЎГОҲИ

АЗ 20-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2026 ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО САФАРИ КОРӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ҚАРОР ДОРАД. ТО 22-ЮМИ СЕНТЯБР, ЯЪНЕ ДАВОМИ СЕ РЎЗ ДАР НОҲИЯҲОИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ, СПИТАМЕН, АШТ ВА ШАҲРҲОИ ГУЛИСТОН, ИСТИҚЛОЛУ ХУҶАНД ДАҲҲО ИНШООТИ САНОАТӢ, ЭНЕРГЕТИКӢ, ТАЪЛИМӢ, ТИББӢ ВА ИҶТИМОӢ МАВРИДИ БАҲРАБАРДОРӢ ҚАРОР ГИРИФТАНД. АЗ РЎЙДОДҲОИ АСОСИИ САФАР ИФТИТОҲИ НЕРЎГОҲИ ОФТОБИИ АШТ БО ИҚТИДОРИ ЛОИҲАВИИ 250 МЕГАВАТТ, БАРҚАРОРСОЗИИ КОМБИНАТИ МАЪДАНТОЗАКУНИИ АДРАСМОН ВА БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАРҲАЛАИ ДУЮМИ КОРХОНАИ МЕТАЛЛУРГИИ ШАҲРИ ИСТИҚЛОЛ БУДАНД.





Рӯзи аввал

КОРХОНАҲОИ НАВИ САНОАТӢ ДАР НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Нахустин иншооте, ки 20-уми сентябр бо иштироки Президенти кишвар ба фаъолият оғоз кард, коргоҳи истеҳсоли равғани ҶДММ «Анқо-инвест» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буд. Корхона аз ҷониби гурӯҳи ширкатҳои «Фаровон» бунёд гардидааст.

Иқтидори коргоҳ дар як шабонарӯз коркарди то 200 тонна ашёи хом ва дар як сол то 70 ҳазор тонна донагиҳои равғандорро ташкил медиҳад. Дар он равғани офтобпараст, пахта ва омехта истеҳсол мешавад.

Маҳсулот дар зарфҳои як, ду, се ва панҷлитрӣ ба бозор пешниҳод мегардад.

Ба иттилои масъулон, дар сурати истифодаи пурраи иқтидорҳо корхона метавонад то 30 дарсади талаботи бозори дохилии Тоҷикистонро ба равғани растанӣ таъмин намояд. Ашёи хоми он асосан аз Русия ва Қазоқистон ворид карда мешавад.

Иншооти дигари саноатӣ коргоҳи орди ҶДММ «Ирода Инвест» буд, ки иқтидори коркарди то 600 тонна гандумро дар як шабонарӯз дорад.

Дар корхона анбори нигоҳдории 28 ҳазор тонна ашёи хом, анбори маҳсулоти тайёр ва коргоҳи механикӣ бунёд шудааст. Таҷҳизоти истеҳсолӣ аз Швейтсария ворид гардида, нисбат ба дастгоҳҳои пешина 20 дарсад камтар нерӯи барқ сарф мекунад.

Маҳсулоти он, аз ҷумла орди навъҳои «Хайпро» ва «Дурум», барои истеҳсоли нон, санбӯса, хамираи питса ва дигар маҳсулоти ордӣ пешбинӣ шудааст. Дар идомаи боздид Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо намоиши маҳсулоти корхонаҳои саноатии «Ирода Инвест» шинос шуда, ба соҳибкорон истифодаи пурраи иқтидорҳо, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотро тавсия доданд.

ИФТИТОҲИ 11 ИНШООТ ДАР ДУ НОҲИЯ

Дар ҳамин рӯз аз коргоҳи «Анқо-инвест» 11 иншооти таъйиноти гуногун дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Спитамен ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуданд.







Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи истеҳсоли панелҳои минералии композитии «Зартахта» бо 30 ҷойи корӣ, кӯдакистони хусусии «Дурахши Истиқлол» барои 240 кӯдак, толори варзишии «Ҳафткалон» ва осоишгоҳи «Марҳабо» бо 30 кат ба фаъолият оғоз карданд.

Дар ноҳияи Спитамен ҳафт иншооти дигар ифтитоҳ гардид. Дар байни онҳо кӯдакистони №6 барои 300 кӯдак, мактаби №13 барои 1350 хонанда дар ду баст, бунгоҳи тиббӣ, бинои шуъбаи маориф, маркази ташхису табобатии «Шараёни Варид» бо 26 кат ва маркази саломатӣ буданд.

Ҳамчунин, коргоҳи пойафзолбарорӣ ва дӯзандагии «Муҳайё» бо иқтидори истеҳсоли 1500 ҷуфт пойафзол ва шаш ҳазор дона либос дар як моҳ ба истифода дода шуд.

Ба Президенти кишвар иттилоъ дода шуд, ки дар панҷ соли охир дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 2745 иншооти гуногун мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, иҷрои нақшаи пешбинишуда 137 дарсад таъмин шудааст. Дар ноҳияи Спитамен бошад, аз соли 2022 зиёда аз 800 иншоот бунёд ё навсозӣ гардидааст.

ГИМНАЗИЯИ «ҲАЁТ» ВА БЕМОРХОНАИ НАВИ КӮДАКОНА

Аз рӯйдодҳои дигари рӯзи аввал ифтитоҳи гимназияи хусусии «Ҳаёт» дар деҳаи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров буд.

Бинои чорошёнаи муассиса аз ҷониби соҳибкорон Абдухалил Розиқов, Ҷӯрабой Азимов, Муродҷон Ҷӯраев ва Нозим Ибрагимов сохта шудааст.

Гимназия барои 1200 хонанда дар як баст пешбинӣ гардида, дорои 45 синфхона, 41 ҳуҷраи ёрирасон, кабинетҳои фаннӣ, маҷлисгоҳи 500-ҷойӣ, ошхонаи 200-ҷойӣ ва китобхона мебошад. Бо оғози фаъолияти он 70 ҷойи кори доимӣ таъсис ёфтааст.

Дар шаҳри Хуҷанд бинои иловагии ҳафтошёнаи Беморхонаи клиникии кӯдаконаи вилояти Суғд низ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Иншооти нав масоҳати 3204 метри мураббаъ дошта, барои қабули 120 бемор дар як вақт пешбинӣ шудааст. Дар он шуъбаҳои тахассусӣ, утоқҳои муоинаву табобат ва ҳуҷраҳои таълимӣ ташкил гардидаанд.

Рӯзи дуюм

НЕРЎГОҲИ ОФТОБИИ АШТ

21-уми сентябр сафари корӣ дар ноҳияи Ашт идома ёфт.

Дар шаҳраки Шайдон Президенти кишвар нерӯгоҳи офтобии Аштро, ки иқтидори лоиҳавии он 250 мегаватт мебошад, мавриди истифода қарор дод.

Сохтмони иншоот моҳи ноябри соли 2025 аз ҷониби ҶДММ «Аён энерҷӣ» оғоз гардида, он дар масоҳати 793 гектар бунёд шудааст.

Барои пайваст кардани нерӯгоҳ ба низоми ягонаи энергетикии кишвар хати ҳавоии дузанҷираи 220-киловолта ба дарозии 9,8 километр сохта шуда, дар масири он 36 поя насб гардидааст. Дар раванди сохтмон беш аз 600 мутахассису коргарони Тоҷикистон ва Чин ҷалб шудаанд. Бо оғози фаъолияти нерӯгоҳ 50 сокини маҳаллӣ соҳиби кори доимӣ гардидаанд. Ба иттилои масъулон, истифодаи нерӯгоҳ иқтидори истеҳсоли баркро дар вилояти Суғд 61 дарсад зиёд мекунад ва он метавонад 40 дарсади талаботи вилоятро ба нерӯи барқ таъмин намояд.

Сарвари давлат дастур дод, ки соли 2027 дар Суғд нерӯгоҳҳои иловагии офтобӣ бо иқтидори 700 мегаватт сохта шаванд. Ҳамчунин, зарурати насби дастгоҳҳои захиракунандаи нерӯи барқ бо иқтидори на кам аз 200 мегаватт-соат таъкид гардид.

РОҲҲО ВА ИНШООТИ ИҶТИМОИИ АШТ

Дар ноҳияи Ашт ҳафт иншооти дигар низ ба таври фосилавӣ ифтитоҳ ёфт. Аз ҷумла, роҳи мошингарди Куруш - Бекобод ба дарозии 12,7 километр ва роҳи Хистеварз - Соҳилоб ба масофаи 10 километр мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бинои нави шуъбаи маорифи ноҳия, осоишгоҳи «Бунёд» бо 120 кат, кӯдакистон барои 180 кӯдак дар деҳаи Дӯстӣ, майдони Нишони давлатӣ ва бинои иловагии мактаби №9 барои 240 хонанда аз ҷумлаи иншооти нав буданд.

ОФТОБӢ ТО ЭҲЁИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Дар идомаи боздид лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Бобоҷон Ғафуров - Ашт ба масофаи 106 километр ба Президенти кишвар муаррифӣ гардид.

Ин роҳ аз ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ашт гузашта, Тоҷикистонро бо Ӯзбекистон мепайвандад. Тибқи лоиҳа, сохтмони он бояд имкониятҳои нақлиётӣ, интиқоли молу маҳсулот ва робитаҳои тиҷоратии минтақаҳоро бехтар намояд.

Яке аз рӯйдодҳои асосии рӯзи дуюм оғози фаъолияти истеҳсолии Комбинати маъдантозакунии Адрасмон дар шаҳри Гулистон буд.

Ин корхона, ки таърихи тӯлонии фаъолият дорад, аз соли 2013 бинобар қатъ шудани маблағгузорӣ ва мушкилоти истеҳсолӣ аз фаъолият бозмонда буд.





МЕТАЛЛУРГИЯ ВА ОБИ НӮШОКӢ ДАР ИСТИҚЛОЛ

Дар шаҳри Истиқлол марҳалаи дуюми корхонаи металлургии ҶДММ «Ширкати кӯҳии Тоҷикистону Чин» ба истифода дода шуд.

Ғаюр» бо иқтидори 50 ҳазор тонна дар як сол, ду дастгоҳи нави бофандагии «Қолинҳои Қайроққум», корхонаҳои парандапарварӣ ва кӯдакистони навсозишудаи «Садбарг» барои 350 кӯдак ба фаъолият оғоз карданд.

Рӯзи сеюм

«НАВНИҲОЛИ ВАТАН» ВА МАКТАБИ ЧОРҲАЗОРНАФАРА

22-юми сентябр барномаи сафар дар шаҳри Хуҷанд идома ёфт.

Президенти кишвар Муассисаи давлатии «Маркази дастгирии оила ва кӯдак»-ро бо номи «Навниҳоли Ватан» ифтитоҳ намуд. Ин марказ дар заминаи Хонаи кӯдакони шаҳри Хуҷанд бунёд шуда, барои фарогирии 75 кӯдаки ниёзманд, аз ҷумла ятимони кулл ва кӯдакони имкониятошон маҳдуд пешбинӣ гардидааст.

Дар муассиса ҳуҷраҳои тавонбахшӣ, шуъбаи модару кӯдак, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ ва дигар иншооти зарурӣ таъсис дода шудаанд. Бо оғози фаъолияти марказ 70 ҷойи кори доимӣ фароҳам омад. Иншооти дигари рӯзи сеюм муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26 - «Нури Раҳмон» буд.

Мактаби чорошёна барои чор ҳазор хонанда дар ду баст бунёд гардида, дорои 73 синфхона мебошад. Аз ин шумора 15-тоаш кабинетҳои фаннии махсуси химия, биология, физика, математика, технологияҳои иттилоотӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Дар мактаб китобхонаҳои анъанавию электронӣ, озмоишгоҳҳо, ошхона, маҷлисгоҳ ва толорҳои варзишӣ ташкил шудаанд.

Президент зимни шиносоӣ бо муассиса таъкид намуд, ки дар баробари фароҳам овардани шароити моддӣ бояд сифати таълим ва дониш дар мадди аввал қарор гирад.

КӮДАКИСТОНИ «ХУРШЕДИ ИСТИҚЛОЛ» ВА ИНШООТИ ДИГАР

Дар маҳаллаи Навбаҳори шаҳри Хуҷанд кӯдакистони хусусии «Хуршеди Истиқлол» барои 600 кӯдак мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Муассиса аз ҷониби соҳибкор Раҳим Рачабзода бунёд гардида, дорои 36 синфхона, толорҳои мусиқию варзишӣ, нуқтаи тиббӣ ва ҳуҷраи логопед мебошад.

Таълим дар кӯдакистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, дар он беш аз 90 нафар соҳиби кори доимӣ гардидаанд.

Дар ҳамин рӯз дар Хуҷанд як қатор иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ низ ба таври фосилавӣ ифтитоҳ ёфтанд.

Дар заминаи ҶДММ «Насли Истиқлол» корхонаи парандапарварӣ барои парвариши солонаи 300 ҳазор сар мурғ ва коргоҳи забҳу коркарди то 190 ҳазор сар мурғ дар як моҳ ба фаъолият оғоз карданд.

Дар маҳаллаҳои навбунёди соҳили рости Хуҷанд ду ҳавзи захиравии об бо ғунҷоиши умумии се ҳазор метри мукааб сохта шуд, ки 878 хоҷагиро бо оби нӯшокӣ таъмин хоҳанд кард.

Ҳамчунин, мактаб ва кӯдакистони хусусии «Ворисон» мутаносибан барои 550 хонанда ва 150 кӯдак ва филиали Маркази тиббии «Насл» ба истифода дода шуданд.

НАВСОЗИИ ЧОЙХОНАИ «СИРДАРЁ» ВА ЯК МИЛЛИОН МОҲИЧА

Ҳамчунин, Президенти кишвар аз чойхонаи навсозишудаи «Сирдарё» дар шаҳри Хуҷанд дидан намуд. Ин иншоот дар соҳили чапи дарёи Сир дар масоҳати 2741 метри мураббаъ барқарор гардида, дар ороиши он ҳунарҳои наққошӣ, гаҷкорӣ ва кандакории миллӣ истифода шудаанд.

Дар саҳни чойхона се суҳбаткадаи кандакорӣ низ бунёд гардидааст.

Сипас дар ҳамин мавзеъ бо иштироки Президент барои афзоиши захираҳои моҳии дарёи Сир як миллион моҳича сар дода шуд.

Моҳичаҳо аз навъҳои амури сафед, пешонапаҳни сафед ва зағорамоҳӣ буда, дар хоҷагиҳои моҳипарварии вилояти Суғд парвариш ёфтаанд.

Дар ҷараёни муаррифӣ таъкид гардид, ки вобаста ба шароити обу иқлим ин навъҳои моҳӣ дар давоми як сол ба ҳисоби миёна аз 600 грамм то якуним килограмм вазн мегиранд.

11 БАРОБАР АФЗОИШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТ

Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд ба 1324 адад расидааст, ки нисбат ба оғози давраи соҳибистиқлолӣ 11 баробар зиёд мебошад. Танҳо дар панҷ соли охир дар ҳудуди вилоят 781 корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 8 ҳазор ҷойи нави кор бунёд ва ба истифода дода шудааст.

Ин нуктаро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 23-юми сентябр зимни мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд иброз дошт.

Ба гуфтаи Сарвари давлат, маҷмуи маҳсулоти вилояти Суғд соли 2025 ба 49 миллиард сомонӣ расидааст, ки аз саҳми назаррасаи вилоят дар таҳкими иқтидори иқтисодии мамлакат шаҳодат медиҳад.







Ин марҳала барои коркарди амиқи ашёи хоми кони Зарнисор пешбинӣ шуда, иқтидори истеҳсоли 30 ҳазор тонна сурби холис, ҳазор тонна миси штейнӣ, 40 тонна нуқраи холис ва 100 килограмм тилои холисро дар як сол дорад.

Ба иттилои масъулон, дар ширкат ва корхонаҳои вобаста ба он ҳоло 2200 нафар фаъолият дошта, 95 дарсади кормандонро мутахассисони маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

Президенти кишвар дастур дод, ки дар назди корхона парки технологӣ барои коркарди минбаъдаи маъданҳо бунёд гардад.

Иншооти дигари шаҳри Истиқлол хати нави оби нӯшокӣ барои 19 ҳазор аҳолӣ буд. Об аз масофаи беш аз 17 километр интиқол дода мешавад.

Ҳамчунин, шаш иншооти дигар дар шаҳрҳои Истиқлол ва Гулистон фосилавӣ ифтитоҳ шуданд. Аз ҷумла, корхонаи «Оҳаки Истиқлол» бо иқтидори 200 тонна дар як шабонарӯз, корхонаи истеҳсоли пахтаи минералии «Дилроз

Президенти кишвар изҳор дошт, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ ташкилотҳои қарзӣ ба соҳибкорон ва аҳолии вилоят беш аз 70 миллиард сомонӣ қарз пешниҳод намудаанд. Дар натиҷа, барои рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам гардидааст.

Таъкид шуд, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд як қатор корхонаҳои бузурги муосир таъсис ёфта, соҳаи саноати маъдан ба пешрафти назаррас ноил гардидааст. Дар натиҷа, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҳоло ба 44 фоиз расидааст.

Ёдовар мешавем, ки сафари кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд 20-уми сентябр оғоз ёфт.

Шоми 23-юми сентябр дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Президенти мамлакат барномаи фарҳангӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ баргузор гардид.

Абдунабӣ Сатторзода:

ДЕВОНИ РЎДАКИРО ДАР ИСРОИЛ БОЯД ҶУСТ...

Мо бо профессор Абдунабӣ Сатторзода перомуни китоби тозанашр, масъалаҳои баҳсноки рӯзгору осори Рӯдакӣ, дастовардҳо ва мушкилоти рӯдакишиносии муосир суҳбате оростем, ки фишурдаи онро манзури хонандагони гиромӣ мегардонем.



КИТОБИ НАВИ РАИСИ БУНЁДИ РЎДАКӢ, АДАБИЁТШИНОСИ МАЪРУФ, ПРОФЕССОР АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА ТАҲТИ УНВОНИ «УСТОД РЎДАКӢ (РЎЗГОР, ОСОР, НАШР, ТАҲҚИҚ, ПАЁМ, САБК ВА ҶОЙГОҲ)» БА НАШР РАСИД. ИН АСАР ФАРОГИРИ ПАҲЛУҲОИ ГУНОГУНИ РЎЗГОР, МЕРОСИ АДАБӢ ВА ҶОЙГОҲИ ОДАМУШШУАРО ДАР ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК БУДА, БА МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ РЎДАКИШИНОСӢ РЎШАНӢ МЕАНДОЗАД.

- Устод, беш аз ҳазор сол аст, ки дар бораи Рӯдакӣ менависанд ва беш аз як аср аст, ки рӯдакишиносӣ ба маънои илмиаш вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, агар аз шумо бипурсанд, ки се масъалаи муҳимтарини ҳанӯз ҳалнашудаи рӯдакишиносӣ кадоманд, кадом масъалаҳоро ном мебаред?

- Муҳаққиқон оғози таърихи омӯзиши аҳволу осори устод Рӯдакиро аз ибтидои асри XIX дар Аврупо донистаанд ва аз ҷумла асари шарқшиноси фаронсавӣ Амеде Журден «Эрон»-ро аввалин асар дар бораи Рӯдакӣ шуморидаанд. Ҳол он ки маълумоти дар ин асар роҷеъ ба Рӯдакӣ сабтгардида аз иттилооти «Хизонаи омира» ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ нақл шудааст. Бинобар ин, ба назари мо, таърихи омӯзиши аҳволу осори Рӯдакиро бояд аз замони худи ӯ шуруъ кард. Ҳарчанд аз тазкираву осори адабиётшиносии замони Сомониён чизе боқӣ намондааст, вале ишораҳои Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Маъруфии Балхӣ, Дақиқӣ, Абузироъаи Гургонӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва монанди инҳоро метавон нахустин иттилоот роҷеъ ба устод Рӯдакӣ донист, зеро он ишораҳо ҳар як аз ҷанбаҳои аҳволу осори шоири бузургро равшан менамоянд.

Се масъалаи муҳимтарине, ки ҳанӯз дар рӯдакишиносӣ ҳал нагардидаанд, инҳоянд:

1. Ҷустуҷӯ ва гирдоварии осори боқимондаи устод Рӯдакӣ аз китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии дунё.

Мо бояд, пеш аз ҳама, нусхаҳои хаттии китобхонаҳои гуногуни олам, бахусус Ҳиндустону Покистон ва Туркияву Муғулистонро ба таври ҷиддӣ баррасӣ намуда, ашъори парешони шоирро ҷамъоварӣ намоем ва барои пайдо кардани девони аслии шоир кӯшиши лозим кунем. Зиндаёд Тоҷиддин Мардонӣ гумони яқин бар он дошт, ки «на танҳо дар китобхонаҳои Қудс, балки дар китобхонаҳои азими Туркия, Ироқ, Сурия, Миср, Арабистони Саудӣ ва ғайра нусхаҳои бисёр дастнависҳои осори адибону олимони асрҳои миёнаи форсу тоҷикро пайдо кардан мумкин аст, ки аслан ҳатто сарлавҳаҳои онҳо дар феҳристҳои имрӯза дарҷ нагардидаанд». Аз ҷумла донишманди тоҷик, тавре дар яке аз суҳбатҳояш бо мусоҳиби шумо изҳор дошта буд, имон бар он дорад, ки дар байни он дастнависҳо нусхаи асли девони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ мавҷуд аст. Кашфи нусхаи асли девони устод Рӯдакӣ, ки гумон меравад бар асари ҳаводиси рӯзгор аз байн рафтааст, инқилобе дар рӯдакишиносӣ хоҳад кард ва бо он марҳалаи сифатан нави ин шохаи адабиётшиносӣ оғоз хоҳад шуд. Зимнан, раҳматӣ Тоҷиддин Мардонӣ ба камина ҳамчунин изҳор дошта буд, ки чанд маротиба ба мақомоти расмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва давлатӣ мурочиат карда буд, то заминаро барои сафари илмии ӯ омода созанд, мутаассифона, дастгирӣ наёфт. Вақҳи тақозои сафар ба Исроил аз ҷониби ӯ он буд, ки дар феҳрасти яке аз китобхонаҳои ин мамлакат нусхаи "Девони Рӯдакӣ" зикр гардида буд. Зимнан, ин донишманд боре ҳам ба хотири дарёфти нусхаи Девони Рӯдакӣ аз ҳисоби худаш ҳамчун сайёҳ сафаре ба Исроил дошт, вале, мутаассифона, вақте ки бо эроншиноси маъруф Михаил Занд ба китобхонаи мавриди назараш ташриф оварда буданд, он рӯзҳо он китобхонаи шахсиро тармим мекарданд ва дарҳояш ба рӯйи муҳаққиқон баста буд.

2. Таҳия ва нашри саҳеҳи девони устод Рӯдакӣ.

Пажӯҳишгари шинохтаи эронӣ Алии Равоқӣ зиёда аз бист чопи девони устод Рӯдакӣ дар Эрон ва хориҷ, аз он ҷумла се нашреро, ки дар Душанбе ва Олматӣ анҷом ёфтаанд, ҳадафмандона баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки дар байни онҳо нашрҳои нисбатан хубе ҳастанд, вале боз ҳам ҳанӯз нашри саҳеҳи девони Рӯдакӣ, девони ашъори комилан муътамаду тасҳеҳёфтаи шоир ба вуҷуд наомадааст.

Ҳанӯз ҳам дар баёзу сафинаҳои хаттии китобхонаҳои Ҳиндустону Покистон, Туркияву Озарбойҷон, Гурҷистону Арманистон, Тоҷикистону Ӯзбекистон гумони яқин меравад, ки абёти кашфнашудаи Рӯдакӣ мавҷуданд. Бесабаб нест, ки солҳои охир дар натиҷаи талошу ҷустуҷӯйҳои донишмандон Аҳрор Мухторов, З. Н. Ворожейкина, Алиашрафи Содиқӣ, Аҳмад Абдуллоев, Аскар Иршодии Саробӣ, Саиднуриддин Шаҳобудинов, Саъдоншо Имронов, Масъуди Қосимӣ ва дигарон чанд байту пораҳои тозаи ашъори Рӯдакӣ ба даст омадаанд, ки ба маҷмӯаҳои чопии шоир ворид нагаштаанд. Бинобар тахмини Тоҷиддин Мардонӣ нусхаи Девони Рӯдакӣ дар яке аз китобхонаҳои шахсии Исроил мавҷуд аст. Ӯ гумон дорад, ки шояд нусхае аз девони Рӯдакӣ дар китобхонаҳои ал-Қудс, Сурия, Миср, Арабистони Саудӣ мавҷуд бошад. Вақти он расидааст, ки маҷмӯаи ҷомеъи осори боқимондаи Рӯдакӣ чоп карда шавад, зеро танҳо матни саҳеҳу ба замони шоир наздик метавонад асоси устувори таҳқиқоту баррасиҳои судманди илмӣ қарор ёбад.

3. Таҳқиқи усулии мероси устод Рӯдакӣ.

Осори боқимондаи шоир бояд ба таври амиқ таҳқиқ шавад, рози бузургии шоир ва мондагории осори ӯ ошкор гардад.

- Шумо дар барномаи Бунёди Рӯдакӣ таҳияи "матни интиқодии ашъори Рӯдакӣ"-ро вазифаи аввал гузошта будед. Аз он замон беш аз даҳ сол гузашт, вале муҳаққиқон ҳанӯз аз зарурати чунин нашр мегӯянд. Чаро то имрӯз мо як "Девони Рӯдакӣ"-и ниҳоии аз нигоҳи матншиносӣ муътамад надорем? Монеа дар дастрас набудани дастнависҳост, ихтилофи муҳаққиқон аст ё набудани як гурӯҳи доимии байналмилалии матншиносӣ?

- Омода намудани "матни интиқодии ашъори Рӯдакӣ" кори осоне нест. Барои ин, нахуст, бояд тамоми китобхонаҳои расмӣ ва шахсии дар дунё мавҷударо дид, осори боқимондаи шоирро гирдоварӣ кард, сониян, онро нуктасанҷона, ҳаматарафа таҳқиқу тафтиш ва тасҳеҳу тасбит намуд, ки моли устод Рӯдакӣ аст. Монеи асосӣ набудани Маркази таҳқиқии расмии ҷудогонаест, ки танҳо бо рӯдакишиносӣ машғул хоҳад буд ва барои анҷоми корҳое, ки ба рӯдакишиносӣ зарур аст, сармоя ва ҳайати илмии заруриро дорад. Чанд сол пеш, замоне, ки камина дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мудирии шуъбаи таърихи адабиётро ба уҳда доштам, аз зарурати таъсиси чунин маркази ҷудогона ба таври хаттӣ ба раёсати онвақтаи Институти мазкур ва роҳбарони вақти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод намуда будам. Роҳи дигаре ва илочи дигаре нест.

Бо мақсади густариши корҳои ҷамъоварӣ, таҳқиқу тарғиби ашъору осори шоир таъсиси як маркази илмии байналмилалии рӯдакишиносӣ зарур аст. Рӯдакӣ, тавре устод Садриддин Айнӣ таъкид карда буд, мояи ифтихори тоҷикон аст, аз ин рӯ, мо бояд дар накӯдошту шинохти ӯ ва нашру тарғиби осораш чизеро дареғ надорем.

- Ҳатто дар бораи миқдори осори боқимондаи Рӯдакӣ рақамҳои гуногун оварда мешаванд. Дар замони Саид Нафисӣ 1047 байт гирдоварӣ шуда буд; баъзе нашрҳои баъдӣ теъдоди дигар медиҳанд ва қисми байтҳо ба шоирони дигар нисбат дода шудаанд. Ба назари шумо, имрӯз чанд байти Рӯдакиро метавон бо итминони нисбатан муътамад "байти асили Рӯдакӣ" донист ва оё дар даҳсолаҳои охир байтҳои нави воқеан муътамад кашф шудаанд?

- Дар нашри дувуми асари маъруфи Саид Нафисӣ, ки пас аз такмилу таҳрир соли 1963 таҳти унвони «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» сурат гирифт, миқдори ашъори боқимондаи шоир ба 1047 байт расид.

Китоби дигаре, ки ба ин муносибат чоп шуд, маҷмӯаи «Ашъор»-и Рӯдакӣ мебошад, ки бо тасҳеҳи Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадӣ дар силсилаи «Ахтарони адаб» дар нашриёти «Адиб» ба чоп расид. Девони мазкур баъдан дар Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон низ зери унвони "Девони ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ" соли 1387/2009 ва Кобул чоп шудааст. Тасҳеҳкунандагон онро матни илмию интиқодӣ номидаанд. Онҳо миқдори умумии байтҳои боқимондаи устод Рӯдакиро, агар хато накунам, 1220 байт шумурдаанд. Чунонки мегӯянд: ин кучову "сенздаҳ раҳ сад ҳазор" ё 100 ҳазор байт кучо?


- Аз бузургтарин фочиаҳои таърихи адабиёти мо аз байн рафтани қисми азими осори Рӯдакист. "Калила ва Димна"-и манзуми ӯ қариб пурра гум шудааст ва аз "Синдбоднома" низ танҳо пораҳо мондаанд. Оё шумо эҳтимоли пайдо шудани пораҳои нави ин асарҳоро дар китобхонаҳои Эрон, Афғонистон, Ҳинд, Туркия, кишварҳои арабӣ ё маҷмӯаҳои хусусӣ воқеӣ медонед? Оё Бунёди Рӯдакӣ барномаи махсуси ҷустуҷӯи дастнависҳои ҷаҳонӣ дорад?

- Имкон дорад. Бунёди Рӯдакӣ барномае дорад, аммо имкони идорӣ ва молӣ надорад. Дар шароити феълии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи мо огоҳона нахост, ки аз шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ мадад ҷӯяд. Барои иҷрои ин кори заҳматталаб ва барои ҳифзи мероси адабӣ ва фарҳангии миллӣ зарурӣ барномарезии давлатӣ лозим аст.

(Давомаш дар саҳ. 13)

БА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ВА СОТИМ УЛУҒЗОДА УНВОНИ «ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН» ДОДА ШАВАД!

ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН ПЕШНИҲОД КАРДААСТ, КИ БА ДУ ЧЕҲРАИ БУЗУРГИ АДАБИЁТИ ТОҶИК - АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ВА СОТИМ УЛУҒЗОДА УНВОНИ ОЛИИ «ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН» ДОДА ШАВАД. ДАР ИН БОРА РӮЗИ 18-УМИ СЕНТЯБР ДАР МАҲФИЛИ ИЛМИЮ АДАБӢ БАХШИДА БА 115-СОЛАГИИ НАВИСАНДАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН СОТИМ УЛУҒЗОДА ХАБАР ДОДА ШУД.



САБАҚҲОИ УСТОД УЛУҒЗОДА

Гузоришгари асосии маҳфил, ки бахшида ба 115-солагии Сотим Улуғзода дар Иттифоқи нависандагон баргузор гардид, нависанда Равшани Махсумзод буд. Ӯ дар маърӯзаи худ таҳти унвони «Сабақҳои устод Улуғзода» ба марҳалаҳои асосии эҷодиёти нависанда, романҳо, қиссаҳо, драматургия ва қаҳрамонҳои офаридаи ӯ таваҷҷуҳ кард.

Ба таъкиди ӯ, осори Улуғзода танҳо ҳикояти рӯйдодҳои гузашта нест. Адиб бо рӯ овардан ба таърих масъалаҳои хувият, ватандорӣ, озодӣ, номус ва сарнавишти миллатро ба миён гузоштааст. Романҳои «Восеъ» ва «Фирдавсӣ», «Ривояти суғдӣ» ва дигар асарҳои ӯ маҳз ба ҳамин сабаб то имрӯз мавриди омӯзиш қарор доранд.

Равшани Махсумзод зикр кард, ки сабақи Улуғзода пеш аз ҳама дар масъулият нисбат ба сарнавишти миллат, таҳқиқи амиқи мавзуъ ва эҳтиром ба ҳақиқати таърихӣ нуҳуфтааст.

ЁДБУДИ УЛУҒЗОДА БОЯД ИД БОШАД

Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад аз чанд мулоқоти хотирмони худ бо Сотим Улуғзода қисса кард. Ӯ бо эҳсоси хос гуфт:

«Ёдбуди Улуғзода бояд ид бошад ва ид ҳам ҳаст. Дар бораи устод Улуғзода суҳбат кардан ифтихор аст. Банда устодро ҳам аз наздик ва ҳам ба воситаи асарҳояшон мешинохтам».

Нависанда Абдулҳамид Самад аз хотироти соли 1971 аз таҷлили ҷашни 60-солагии нависанда қисса кард. Ӯ гуфт, ки он сол гурӯҳе аз адибони ҷавон, аз ҷумла Ғоиб Сафарзода ва Шоҳмузаффар Ёдгорӣ бо гулу мева ба хабаргирии Улуғзода рафтаанд, вале нависандаро дар хонааш намеёбанд. Як кӯдаки ҳамсоя мегӯяд, ки Сотим Улуғзода ба хонаи Ҷалол Икромӣ рафтааст.

"Дарро ба рӯйи мо ҳамсари устод Икромӣ холаи Саодатхон кушод ва моро бо гулҳову дастовез дида, гуфт: «Сотимхон, бинед, шумо гуфтед, ки ҳама маро фаромӯш карданд, вале бинед, ки ҷавонон ба хабаргирии шумо омадаанд».

Хотираи дигари ӯ ба ҷашни 80-солагии Сотим Улуғзода дар соли 1991 рост меояд. Гурӯҳе аз адибон тасмим мегиранд ҷашни нависандаро дар "Кохи Борбад" бошукӯҳ баргузор кунанд. Аммо худи Улуғзода розӣ намешавад.

Ба нақли Абдулҳамид Самад, нависанда гуфтааст: «Дар чунин шароит, ки кишвар ноором асту мардум бесарусомон, оё мезебад, ки ман дар саҳна баромада нишинам ва ҷашн бигирам? Инро ба худам эб намебинам».

Абдулҳамид Самад ин тасмими нависандаро аз нишонаҳои ахлоқ, ғурур ва маъсулияти иҷтимоии Сотим Улуғзода арзёбӣ кард. Ӯ ҳамчунин таъкид намуд, ки ҳангоми баррасии сарнавишти нависанда набояд танҳо ба қазияи фарзандаш Азиз таваҷҷуҳ кард: "Фарзанди нависанда фарзанди маънавиаш аст, яъне асарҳояш". "Ин барои мо муҳим аст",- гуфт номбурда.

САБАҚИ ТАРҶУМА

Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким низ аз мулоқотҳои худ бо Улуғзода ёд кард. Ӯ нақл кард, ки соли 1970 ҳамроҳи Ҳабибулло Файзулло ба хонаи нависанда дар Москва рафта буд ва дар рӯйи мизи кории ӯ «Дон Кихот»-и Сервантесро дидааст.

Аскар Ҳаким ба устод гуфтааст, ки тарҷумаи ин асар, хусусан суханони пур аз зарбулмасалу мақоли Санчо Пансо ба тоҷикӣ кори бисёр душвор ва ҳатто имконнопазир аст. Сотим Улуғзода посух додааст: «Ин гапат дуруст, зӯр зада бинем, чӣ хел мешавад».

Аскар Ҳаким мегӯяд, ки тарҷумаи "Дон Кихот" яке аз беҳтарин тарҷумаҳо дар адабиёти тоҷик аст ва устод Улуғзода ба он муваффақ шудааст.

Ба андешаи Аскар Ҳаким, се омил шахсияти адабии Улуғзодаро барҷаста кардаанд: дониши амиқи таърих, ошноии васеъ бо адабиёти рус ва шинохти адабиёти Аврупо. «Бинобар ин, насри эшон ва шахсияти эшон беназир аст»,- гуфт ӯ.

ҶУРЪАТ ДАР АДАБИЁТШИНОСӢ

Академик Карокатулло Олимзода аз хидматҳои илмӣ ва адабиётшиносии Улуғзода сухан гуфт. Ба андешаи ӯ, насри нависанда дар ташаккули ифтихори миллӣ нақши муассир гузоштааст.

Олимзода махсусан ба ҷуръати илмии адиб таваҷҷуҳ кард. Ӯ гуфт, дар замоне ки ҳатто ном бурдани Зуфархон Ҷавҳарӣ мушкил буд, Улуғзода дар мақолае дар бораи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода аз падари ӯ - Зуфархон Ҷавҳарӣ бо эҳтиром ва баҳои баланд ёд кардааст.

Ин, ба гуфтаи академик, нишон медиҳад, ки Улуғзода дар арзёбии таърихи адабиёт пеш аз ҳама ба ҳақиқати илмӣ такя мекард.

СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА СИНАМОИ МИЛЛӢ

Нависанда Абдурофеъ Рабизода ба саҳми Улуғзода дар ташаккули синамои тоҷик таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки филмномаҳои ӯ низ мисли насраш рӯҳияи миллии қавӣ доштанд. Ӯ аз таърихи ба навор гирифтани асарҳои марбут ба Ибни Сино, Рӯдакӣ ва Восеъ ёд кард ва гуфт: «Ҳама филмҳое, ки эшон навишта буданд, ғурури баланди миллӣ доштанд».

Ба гуфтаи Рабизода, татбиқи бархе аз ин тарҳҳо осон набуд ва бадхоҳон монеи сабти филмҳо аз рӯйи асарҳои Сотим Улуғзода мешуданд. Ҳамин аст, ки "Ибни Сино"-ро "Тоҷикфилм" рад мекунад ва Комил Ёрматов онро дар "Ӯзбекфилм" ба навор мегирад. "Қисмати шоир" ҳам ба мушкилӣ рӯйи навор меояд. Аммо бо вуҷуди мушкилот, филмҳое, ки аз рӯйи осор ва филмномаҳои Улуғзода офарида шуданд, дар рушди синамои миллӣ ҷойгоҳи муҳим пайдо карданд.

Драматург Ато Ҳамдам низ ба ҳамин паҳлуи фаъолияти Улуғзода дахл карда, ҳамзамон як хотираи ҷолибро баён намуд. Ба гуфтаи ӯ, дар замоне, ки Улуғзода бар асари қазияи писараш бо маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ буд, рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» мулоқоти ғоибонаи нависандаро бо хонандагон ташкил кардааст.

«Се соате, ки мулоқоти ғоибона бо устод баргузор шуд, ҷавонон аз чор тараф занг мезаданд. Устод ҳамеша аз муҳаббати мардум ва хонандагон бархӯрдор буданд»,- гуфт Ато Ҳамдам.

Нависанда Абдулҳамид Самад ва Ато Ҳамдам ҳамчунин аз саҳми Улуғзода дар драматургия ва синамо, аз ҷумла осори марбут ба «Сино», «Рӯдакӣ», «Восеъ», «Алломаи Адҳам» ва «Гавҳари шабчароғ» ёдовар шуданд.

УЛУҒЗОДА ДАР ЗОДГОҲАШ

Академик Абдуҷаббор Раҳмонзода аз сафарҳои худ ба зодгоҳи нависанда ва эҳтироми мардуми Ӯзбекистон ба Улуғзода сухан гуфт.

Ӯ нақл кард, ки замони фаъолияти дипломатияш ба деҳаи Варзики ноҳияи Чусти Ӯзбекистон рафта, дар таҷлили 110-солагии нависанда иштирок кардааст. Бо пешниҳоди ӯ Маркази маънавии тоҷикони Чуст ба номи Сотим Улуғзода гузошта шудааст.

«Дар зодгоҳаш устод Улуғзодаро дӯст медоранд ва пос медоранд»,- таъкид кард академик Раҳмонзода.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодир бошад, ба маҳфил ранги бадеӣ бахшида, ашъори Бозор Собирро, ки ба Сотим Улуғзода бахшида шудаанд, бо эҳсоси баланд қироат кард.

ПЕШНИҲОДИ УНВОНИ «ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН»

Дар анҷоми маҳфил гуфта шуд, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвар пешниҳод кардааст, ки ба Абулқосим Лоҳутӣ ва Сотим Улуғзода унвони "Қаҳрамони Тоҷикистон" дода шавад.

"Аз Ҳукумати кишвар барои тарҳрезии барномаҳои ояндаи давлатӣ аз мо пешниҳод пурсиданд. Мо аз ҷумла пешниҳод кардем, ки ба ду адиби бузурги мо - устодон Аблуқосим Лоҳутӣ ва Сотим Улуғзода унвони "Қаҳрамони Тоҷикистон" дода шавад, зеро хидматҳои эшон сазовори ин унвон аст. Дар ин бора аллакай Пешвои миллат медонанд",- гуфт Низом Қосим.

ШИНОХТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сотим Улуғзода 1-уми сентябри соли 1911 дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Фарғона ба дунё омадааст. Соли 1929 Дорулмуаллимини тоҷикии Тошкандро хатм карда, соли 1930 ба Душанбе омадааст. Ӯ нависанда, драматург, тарҷумон ва адабиётшинос буда, романҳои «Диёри Навобод», «Восеъ», «Фирдавсӣ», қиссаҳои «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», намоишномаҳои «Шодмон», «Калтакдорони сурх», «Темурмалик», «Алломаи Адҳам», инчунин филмномаҳои марбут ба Ибни Сино ва Рӯдакиро офаридааст.

Улуғзода Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Арбоби шоистаи ҳунари Тоҷикистон буд. Ӯ 25-уми июни соли 1997 дар Москва даргузашт. Ҷасадаш ба Душанбе оварда шуда, 29-уми июн дар оромгоҳи Лучоб ба хок супурда шуд.

О. НОЗИР

ДАРДИ САР ЯКЕ АЗ МУШКИЛОТИ МАЪМУЛЕСТ, КИ МЕТАВОНАД ҚАРИБ ҲАР ИНСОНРО АЗИЯТ ДИҲАД. ХУСУСАН ОДАМОНЕ, КИ КОРИ СЕРТАШВИШ ДОРАНД, СОАТҲОИ ЗИЁД ДАР МУҲИТИ ПУРҒАВҒО ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАНД, КАМ МЕХОБАНД Ё ВАҚТИ КОФӢ БАРОИ ИСТИРОҲАТ НАДОРАНД, БЕШТАР БА ИН ҲОЛАТ РӮ БА РӮ МЕШАВАНД. СТРЕСС ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ МАЪМУЛИ САРДАРД, БАХУСУС ДАРДИ САРИ НАВЪИ ТАШАННУҶӢ БА ШУМОР МЕРАВАД.



3 НАВЪИ ЧОЙ БАРОИ РАФЪИ ДАРДИ САР

Бо вуҷуди ин, ҳар дарди сарро набояд танҳо ба асабоният ё хастагӣ нисбат дод. Сардард метавонад бо камобӣ, гуруснагӣ ё номунтазам хӯрок хӯрдан, норасоии хоб, мушкилоти биноӣ, зуком, баъзе намудҳои мигрен ва дигар ҳолатҳои саломатӣ алоқаманд бошад. Аз ин рӯ, агар дарди сар зуд-зуд такрор шавад, шиддат гирад ё ба зиндагии ҳаррӯза халал расонад, ба мутахассис мурочиат кардан ва сабаби онро муайян намудан муҳим аст.

Барои пешгирии сардард пеш аз ҳама бояд ба тарзи ҳаёт диққат дод. Дар давоми рӯз ба қадри кофӣ об нӯшидан, хӯрокро сари вақт истеъмол кардан, хоби кофӣ доштан ва то ҳадди имкон аз вазъиятҳои пурташвиш фосила гирифтан метавонад кумак кунад. Ҳангоми кори зиёд чанд дақиқа танаффус кардан, нафаскашии ором ва сайругашти кӯтоҳ низ барои паст кардани шиддати асаб муфид буда метавонад.

Илова бар ин, мо ба шумо се навъ чойро тавсия медиҳем, ки барои рафъи сардард кумак мекунанд:

1. Як қошуқи ошхӯрӣ пудинаи боғиро дар чойник андохта, аз болояш 250 грамм оби ҷӯшомада резед ва монед ним соат истад, сипас соф карда, дар давоми рӯз кам-кам аз он бинӯшед. Пудинаи боғӣ сардарди номаълум ва дарди сари бар асари ташаннуҷи мӯйрагҳо ба вуҷуд омадаро нест мекунад.

2. Якқошуқӣ гиёҳҳои бобуна ва пудинаро дар ним литр оби ҷӯш дам карда, нисфашро бегоҳ пеш аз хоб ва ними дигарашро субҳгоҳон бинӯшед, дарди сар шуморо азият намедиҳад.

3. Дарди сар агар аз стресс ба вуҷуд омада бошад, давояш истеъмоли гарди гул (перга) аст. Миқдори перга барои калонсолон якқошуқчагӣ 3 маротиба, барои кӯдакон бошад, нимқошуқчагӣ се бор аст.

АНДОЗАИ ПОЙ АЗ ЧӢ ВОБАСТА АСТ?

Андозаи пой аз қад ва вазни одам вобаста аст. Зеро ангуштони пойҳо нуқтаи дастгирӣ мебошанд ва барои рост нигоҳ доштани тана пешбинӣ шудаанд. Қад ва вазни инсон чӣ қадар зиёд бошад, андозаи пошна ҳамон қадар калонтар мешавад.

Паҳнои пошна ва дарозии ангуштони пой ба омилҳои ирсии инсон вобаста аст. Баъзе халқҳо пошнаи васеъ ва ангуштони кӯтоҳ, гурӯҳи дигар панҷаи танг ва ангуштони дароз доранд. Дар асрҳои гузашта баъзеҳо мӯзаҳои борики чармин, баъзеи дигар ковушҳои чӯбинро пӯшидаанд, ки ин ҳолат бевосита бо ҳамин ҳамбастагӣ дорад. Аз ҷиҳати илмӣ андозаи хати ангушти пой ба консентратсияи гормони соматотропин, ки аз ғадуди пеши гипофиз хориҷ мешавад, вобаста аст. Ҷудошавии он бошад, 17 хромосома аз ҷониби 5 ген, яъне аз ирсият вобаста аст. Ба гуфти истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони пойафзоли занона ва мардона, андозаи ангушти пойи инсон ба андозаи қисми оринҷи даст баробар аст. Яъне ба масофаи байни оринҷ ва панҷа мувофиқ меояд. Тибқи таҳқиқоти дигар, андозаи панҷаи инсон аз параметрҳои зерин вобаста аст: дарозӣ ва бари пой, баландии гумбази пой. Агар пошнаи шахс дарози ҳамвор бошад, андозаи ангушти пойи онҳо нисбат ба шахсоне, ки пошнаи ҳамвор доранд, 2-3 андоза калонтар аст. Яъне паҳн будани гумбази пойи одамон барои афзудани дарозии панҷа мусоидат мекунад. Андозаҳои пой ба ҷинси инсон низ вобаста аст. Дарозии пой ба қади мард мутаносиб бошад, баландии қади зан ба паҳнои пошна мувофиқат мекунад.

ФОИДАҲОИ ПИЁЗИ АНЗУР

Анзур яке аз растаниҳои маъруфи доруист, ки аз қадим дар тиби мардумӣ истифода мешавад. Пиёзи ин растанӣ маззаи тунд ва сӯзон дошта, дар фарҳанги табобати суннатӣ барои қувват бахшидани бадан ва рафъи як қатор бемориҳо корбурд шудааст. Дар манбаъҳои тиби мардумӣ миҷози анзурро гарм ва хушк тавсиф мекунанд.

Анзурро махсусан барои бемориҳои вобаста ба сар ва асаб истифода мебурданд. Аз чумла, онро барои дарди саре, ки ба гуфтаи табибони суннатӣ аз сардӣ пайдо мешавад, чарх задани сар, сустии хотира ва фаромӯшхотирӣ муфид медонистанд. Ҳамчунин бовар доштанд, ки истеъмоли он метавонад ба қувват гирифтани биноии чашм мусоидат кунад. Дар тиби мардумӣ тарзи махсуси омода кардани пиёзи анзур низ маъмул будааст. Пиёзро дар хамир ё латтаи тар печонида, дар зери оташ мепазанд ва баъдан бо намак ва миқдори каме равған омехта мекунанд. Аз чунин омехта миқдори муайян истеъмол мекарданд. Гуфта мешавад, ки он барои беҳтар шудани ҳазми ғизо ва баъзе мушкилоти меъда истифода мешудааст. Анзурро ҳамчунин барои сулфаи кӯхна, тангии нафас, дарди гӯш, сустии бадан ва баъзе дардҳои асабӣ кор мефармуданд. Дар тиби суннатӣ онро барои дарди буғумҳо, радикулит, мушкилоти сипурз ва баъзе бемориҳои ҷигар низ тавсия мекарданд. Аз дигар истифодаҳои мардумии он майда кардани санги роҳҳои пешоб ва таскини дарди асабҳо ном бурда мешавад. Ҳатто барои барқарор шудани мӯй дар чойҳои танга-танга рехтаи сару риш аз анзур истифода мебурданд.

Бо вуҷуди ин, чунин тавсияҳо ба тиби анъанавӣ тааллуқ доранд ва набояд чойгузини ташхису табобати муосир шаванд. Анзур метавонад барои баъзе одамон мувофиқ набошад ва истеъмоли миқдори нодурусти он низ метавонад зарар расонад. Аз ин рӯ, пеш аз истифодаи анзур ҳамчун воситаи табобат, махсусан ҳангоми бемориҳои музмин ё истеъмоли доруҳои дигар, машварат бо табиб зарур аст.



Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар кор аз нишон додани ташаббус натарсед. Идеяи худи шумо метавонад дастгирии роҳбар ё ҳамкоронро пайдо кунад. Дар масъалаҳои молиявӣ барои қабули қарор шитоб накунед. Эҳтимол бо шахси дӯстдоштаатон суҳбати муҳим анҷом диҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар кор ба шумо лозим меояд, ки устувор бошед ва манфиатҳои худро ҳимоя кунед. Аз гуфтани он чизе, ки шуморо нороҳат мекунад, натарсед. Дар масъалаҳои молиявӣ қарорҳоро бо оромӣ қабул кунед. Дар ҳаёти шахсӣ диққати бештар ба хона ва оила равона мешавад.



Мизон
25.09 - 22.10

Барои мизонҳо давраи муҳими ҳаёти шахсӣ оғоз мешавад. Эътимод ба қарорҳои худ бештар мегардад. Дар кор вақти муносиб аст, ки нақшаҳо ва ҳадафҳои минбаъдаи худро баён карда, дар бораи дурнамои фаъолият суҳбат кунед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ба ҳадафҳои касбии худ диққати бештар диҳед. Суҳбат бо роҳбар метавонад барои муайян кардани самти минбаъдаи кор кумак кунад. Аммо масъулияти аз ҳад зиёдро ба дӯш нагиред. Дар ҳаёти шахсӣ пайдо кардани тавозун миёни кор ва оила муҳим мешавад.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта барои анҷом додани корҳое, ки сабру пайдарпайиро талаб мекунанд, мусоид аст. Метавонед масъалаи маош, шароити кор ё нақшаҳои молиявиро муҳокима кунед. Дар муносибатҳои шахсӣ худро ба дигарон вобаста накунед.



Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта метавонад барои шумо пешниҳоди ҷолиб ё имкони нишон додани қобилиятҳоятонро дар кор ба вуҷуд орад. Агар хоҳед, ки меҳнататон қадр карда шавад, аз баён кардани дастовардҳоятон шарм надоред.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар бораи нақшаҳои худ ба ҳамкорон шитобкорона маълумот надиҳед. Аввал кӯшиш кунед, ки идеяҳои муҳиматонро ба натиҷаи мушаххас расонед. Дар масъалаҳои молиявӣ низ эҳтиёткор бошед. Дар ҳаёти шахсӣ эҳтимол хоҳиши танҳо мондан пайдо шавад.



Далв
21.01 - 19.02

Ҳафта барои омӯзиш ва васеъ кардани имкониятҳои касбӣ муносиб аст. Пешниҳоди ғайриодӣ аз соҳаи дигар метавонад ояндаи хуб дошта бошад. Дар муносибатҳои шахсӣ эҳтимол суҳбати ногаҳонӣ сурат гирад, ки назари шуморо ба муносибатҳо тағйир медиҳад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта барои шиносоӣ ва робитаҳои муфид зиёд мешаванд. Мулоқотҳои корӣ, суҳбатҳо ва шиносоиҳои нав метавонанд ба пешрафти касбӣ мусоидат кунанд, бинобар ин аз муошират канорагирӣ накунед.




Сунбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта бештар ба масъалаҳои молиявӣ ва натиҷаи воқеии коратон диққат диҳед. Харочот, шартҳои ҳамкорӣ ва мувофиқаҳои кориро аз нав баррасӣ кунед. Дар муносибатҳои шахсӣ ҳар як сухани шахси дӯстдоштаро аз ҳад зиёд таҳлил накунед.



Қавс
25.11 - 21.12


Ин ҳафта метавонад робитаҳои нави корӣ ва имкониятҳои тоза барои рушди касбиро пеш орад. Шиносоии муфид ҳатто метавонад аз як суҳбати одӣ оғоз шавад. Дар ҳаёти шахсӣ хоҳиши озодӣ ва таҷрибаҳои нав бештар мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ба масъалаҳои молиявии муштарак, қарзҳо ва уҳдадориҳои корӣ диққати бештар диҳед. Пеш аз имзои ҳуҷҷатҳо ё қабули қарорҳои муҳим ҳамаи ҷузъиётро бодиққат санҷед. Агар аз шахси дӯстдоштаатон таваҷҷуҳи кофӣ набинед, дар ин бора ошкоро бигӯед.

ДЕВОНИ РЎДАКИРО ДАР ИСРОИЛ БОЯД ҶУСТ...



(Аввалаш дар саҳ. 10)

- Рӯдакӣ шоири дарбори Сомониён буд ва бахше аз осораш, аз ҷумла "Модари май", дар заминаи рӯйдодҳои сиёсӣ ва мадҳи аҳли ҳукумат офарида шудааст. Бо вуҷуди ин, ашъори ӯ аз таҷрибаи инсонӣ, панд, шодзистӣ, факр, пирӣ ва ноустувории ҷаҳон пур аст. Рӯдакиро то кӯҷо метавон аз қолаби "шоири дарборӣ" берун оварда, ҳамчун мутафаккир ва нозири ҷомеаи замони Сомониён хонд?

- Осори устод Рӯдакиро наметавон ба истилоҳи дар адабиётшиносии мо маъмул ба "адабиёти дарборӣ" ва худашро ба "шоири дарборӣ" нисбат дод. Зеро ӯ дар дарбори хонадони Сомониён, ки бунёдгузори давлати миллӣ буданд, хидмат мекард, сониян, ӯ дар шеъраш афкори тамоми мардумашро бозтоб медод. Бинобар ин ӯ, бидуни шак, мутафаккири аҳли замонаш ва ҷомеаи давраш буд.

- Шумо "Шикоятаз пирӣ"-ро на танҳо қасида, балки яке аз асосҳои "шеъри ҳолия" дар адабиёти форсии тоҷикӣ мешуморед ва таъсири онро ба Мантиқӣ, Кисоӣ ва Мунтасир нишон додаед. Аммо то кадом ҳад метавон аз як шеъри бадеӣ барои барқарор кардани зиндагиномаи воқеии шоир истифода кард? Кадом маълумоти "Шикоят аз пирӣ"-ро метавон санади зиндагиномаи Рӯдакӣ шумурд ва кадомаш танҳо забони шеър аст?

- Аввалан, дар қасидаи ҳолияи "Шикоят аз пирӣ" чизе нест, ки бофтаи шоир бошад, ҳама он чӣ ки шоир дар ин қасида гуфтааст, ба қавли худаш, "дуруст асту рост" аст, на "дурӯғу фасона". Сониян, ҳамаи асари асили бадеӣ заминаи воқеӣ дорад. Адиб воқеъоти зиндагиро нахуст аз ҳаллоҷии дарунии хеш мегузаронад ва баъд ба қалам меорад. Ин чизро дар гузашта назариёпардозони мо, монанди Сино, Форобӣ ва Насируддини Тӯсӣ "муҳокот" мегуфтанд.

- Рӯдакӣ дар марҳалаи ташаккули забони адабии форсии дарӣ зиндагӣ мекард. Имрӯз истилоҳҳои "форсӣ", "дарӣ" ва "тоҷикӣ" баъзан бо таснифҳои баъдии таърихӣ ба асри X интиқол дода мешаванд. Аз нигоҳи соф забоншиносӣ забони Рӯдакиро чӣ гуна бояд номид ва осори ӯ дар ташаккули забони адабие, ки имрӯз тоҷикон, эрониён ва афғонистониён меросбари онанд, чӣ ҷойгоҳ дорад?

- Ба асри X, замони зиндагии устод Рӯдакӣ бидуни қайду шарт интиқол додани истилоҳҳои "форсӣ", "дарӣ" ва хусусан "тоҷикӣ" дуруст нест. Зеро Рӯдакӣ ва ҳамасронаш забони навиштаҳояшонро "форсӣ (порсӣ, порсии дарӣ ва дарӣ) гуфтаанд, на "тоҷикӣ". "Тоҷикӣ" гуфтани забони "форсӣ" аз соли 1924 бар асари сиёсатҳои геополитикии шуравӣ оғоз гардида буд. Дар ду даҳсолаи охир доман задани ин "масъала" аз тарафи чанд нафар забоншиносу адибони фурсатталаб ба хотири дурӣ ҷустан аз кишвари Эрон ва "миллатпарастии бардурӯғ ва сохта" ғаразмандона буд.

Нақши забон ва тарзи баёни Рӯдакӣ дар сара шудан ва такмилу рушди забони форсии тоҷикону эрониён ва афғонистониён муассир буд ва хоҳад монд.

- Шумо ҳоло раиси Бунёди Рӯдакӣ ҳастед. Соли 2012 барои Бунёд 20 вазифаи мушаххас муайян карда будед - аз Девони илмӣ-интиқодӣ ва луғати Рӯдакӣ то феҳрасти ҷаҳонии таҳқиқот, ҷамъоварии нусхаҳои дастнавис ва нашри "Рӯдакишиносӣ". Агар имрӯз, дар Рӯзи Рӯдакии соли 2026, ҳисобот диҳед: аз ин барнома кадом корҳо анҷом шуданд, кадомҳо нотамом монданд ва се лоиҳаи асосие, ки мехоҳед Бунёди Рӯдакӣ дар панҷ соли оянда ҳатман амалӣ кунад, кадомҳоянд?

- "Бунёди Рӯдакӣ" дар тӯли 24 соли фаъолияти хеш ҳамзамон бо баргузории ҳамасолаи ҳамоишҳои илмӣ ва адабӣ дар Душанбе ва минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз ҷумла дар зодгоҳи устод Рӯдакӣ дар Панҷекат, Хуҷанд, Кӯлоб, Ҳисор ва ғайра корҳои зеринро анҷом дод, ки муҳим мебошанд:

1. *Таҳия ва тадвини матни "Девони ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз устод Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар асоси нусхаҳои дастраси ашъори шоир дар соли 2008;*

2. *Донишномаи Рӯдакӣ дар 3 ҷилд: ҷ. 1 дар соли 2008 дар ҳаҷми 592 саҳифа, ҷ. 2 дар ҳамон сол дар ҳаҷми 543 саҳифа ва ҷ. 3 соли 2018 дар 577 саҳифа;*

3. *Нашри ду ҷилди "Ёдномаи Рӯдакӣ";*

4. *Силсилаи таҳқиқот дар бораи аҳвол ва осори Рӯдакӣ, аз қабили ҷилдҳои 1 ва 2 "Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ" (ҷилди 1 соли 2019 чоп шуд), Абдулманнони Насриддин "Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда)" (1999) , Аълохон Афсаҳзод "Одамушшуаро Рӯдакӣ" (2003, 2008), Субҳон Амирзода "Падидаи нодир" (2008) , Асрори Раҳмонфар "Рӯдакиро суханаш тилви нубост..." (2009), Тоҷиддин Мардонӣ "Рӯдакӣ ва адабиёти араб" (2010), Мисбоҳиддини Наразиқул "Авзони ашъори Рӯдакӣ" (2011), Мирзо Муллоаҳмад "Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон" (2012) ва "Осори Эроншиносӣ, ҷ. 2. Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон, китоби аввал ва дувум" (2018), Ҳоким Қаландаров "Рӯдакӣ ва исмоилия" (2012), Абдунабӣ Сатторзода "Аз Рӯдакӣ то Лоиқ" (2013), Абдулманнони Насриддин "Аз Рӯдакӣ то Аттор" (2017), Абдунабӣ Сатторзода "Устод Рӯдакӣ (рӯзгор, осор, нашр, таҳқиқ, паём, сабк ва ҷойгоҳ)" ва ғайра.*

Се лоиҳаи асосие, ки Бунёди Рӯдакӣ дар панҷ соли оянда ба таври ҳатмӣ амалӣ карданӣ аст, инҳоянд:

1. *Идомаи ҷустуҷӯ ва гирдоварии осори боқимондаи устод Рӯдакӣ;*
2. *Идомаи тарғибу ташвиқ ва тарҷумаи осор ва афкори шоири бузург:*
3. *Идомаи таҳқиқи усулии мероси ӯ.*

- Устод, дар арафаи таҷлили Рӯзи бузургдошти устод Рӯдакӣ китоби наватон таҳти унвони "Устод Рӯдакӣ" нашр шуд. Дар бораи ин китоб маълумот диҳед.

- Китоби навам "Устод Рӯдакӣ (рӯзгор, осор, нашр, таҳқиқ, паём, сабк ва ҷойгоҳ)" ном дошта, кӯшиш намудам дар он дар бораи бунёдгузори адабиётамон дар заминаи дастовардҳои рӯдакишиносии ҷаҳонӣ ва бо диди нав ва равишҳои адабиётшиносии муосир андеша ронам. Ин китоб давоми мантиқии асарҳои барҷастаи устод Садриддин Айнӣ "Устод Рӯдакӣ" (1940), аллома Саид Нафисӣ "Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бини Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ" дар се ҷилд (1309/1931, 1310/1932 ва 1319/1941) ва "Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ" (1341/1963), академик Абдулғанӣ Мирзоев "Абу Абдулло Рӯдакӣ" (1958), профессор Абдурраҳмон Тоҳирҷонов "Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ" (1968) буда, барои аҳли илму адаб, шогирдони донишкадаву донишгоҳҳои ихтисосӣ ва алоқамандони шеъри бунёдгузори адабиёти форсии тоҷикӣ устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Самарқандӣ пешниҳод мешавад.

То кучо ба ин хостаҳоям муваффақ шудаам, қазоват аз хонандагон ва алоқамандон мебошад.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР,
"Тоҷикистон"

МАВЛУДНОМА

24 СЕНТЯБР

Исматбой Саидаминов (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

Аъзамҷон Ҳакимов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

25 СЕНТЯБР

Давлаталӣ Холов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Неъматуллои Худойбахш (1951), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Шоҳқурбон Эсанов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

26 СЕНТЯБР

Қурбоналӣ Муҳаббатов (1951), 75-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Валериан Вебер (1871-1940), 155-солагии зодрӯзи доктори илми геологӣ, профессор.

27 СЕНТЯБР

Аҳмадхон Аброрхонов (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Зоя Румянсева (1916-2001), 110-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

28 СЕНТЯБР

Сайфулло Бобоев (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Абдураҳим Ҷамолов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

29 СЕНТЯБР

Ҳамдам Ҷӯра (1921-1994), 105-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

30 СЕНТЯБР

Баҳоваддин Зуҳуриддинов (1946), 80-солагии зодрӯзи меъмор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

PRESSA.TJ

БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

МЕФУРӮШАМ

ХОНА

Хонаи 2-ошёна, 64 кв.м, дар ошёнаи 1-ум 2 ҳуҷра ва долон, дар ошёнаи 2-юм 1 ҳуҷраи бе таъмир, 9 сот. замин, ориентир: Лучоб, Гулбоғ 1, истгоҳи охирини маршруткаи №47. Тел.: 985-59-29-99, 200-08-43-42, 981-07-89-18

МЕХАРАМ

Мехарам: курпа, курпача, қолин, гарнитури хоб, катҳои хоб, зарфҳо, ҷевони либос, катҳои дуқабата, флягҳо ва дигар чизҳо. Тел.: 901-600-514, 988-28-40-20, 985-56-96-97

Флягҳо, курпача, қолин, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғаз. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Мебели истифодашуда, зарфҳо, яхдон, қолин, мошинаи ҷомашӯй, плитаи газӣ, ваннаҳо ва унитазҳо. Тел.: 918-50-22-93, 97-994-86-86

КОР МЕҶӮЯМ

Кор дар хона ё парастор. Тел.: 93-157-33-88

Устои евроремонти хона, рангубори алоҳида, устои сохтмони хона. Тел.: 873-44-44-29

Устои евроремонт, корҳои таъмирӣ, устои сохтмони хона. Тел.: 989-35-80-80

Таъмири куллии ҳуҷра, ҳама намудҳои шифтҳо. Тел.: 177-88-80-80

ЭЪЛОН

Пианиноҳои нави олмониро мефурӯшам (Zimmermann и Petrof). Тел.: 915-99-33-30

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи ҳадяи бино таҳти литери 1А1/хп, хонаи истиқоматӣ аз 10.03.2026 сол, таҳти феҳристи №5.267, ш. Душанбе, ноҳияи Сино кӯчаи Авул, хонаи 201, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот таҳти феҳрасти рақами 2Ш-1522, аз 07.11.2018, қайд дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Раупова Мунаввара Умарҷоновна, хонаи истиқоматии навбунёдшуда воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48, ошёнаи 14, масоҳаташ 103,7 метри мураббаъ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ, ОКА ПФ 00031830, ба номи Худойкулов Машраб Махмуджонович, РМА: 045782621, аз соли 2012, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04889038, ба номи Шарипова Муаттар Айёмиддиновна, ки санаи 17.05.2023 аз ШВКД н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи хазинавии Миника 1102ф, №1019897, аз соҳибкор Холова Баҳригул Азизовна, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ дар хиёбони Н. Махсум, маҳаллаи Зарафшон-2 таҳти феҳрасти рақами 2Ш-690, ки аз санаи 11.07.2015 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Давлатбекова Азизбегим Давлатбековна тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1373940, ба номи Холов Ибодуллоҳ Ҳасанович, ки соли 2025 аз ҷониби МТМУ №3-и ш. Норак дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шявад.

Дипломи №0006874, рақами қайд №968, ба номи Саид Фаррух Сафиулло (ҳозира Саидов Фаррух Сафиуллоевич), ки санаи 28.06.2008 аз МДТ Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-А-ТУХ №0000429, ки ба номи Шодиев Фарзод Фатхудинович, хатмкардаи МТХ «Мактаби муосири байналмилалӣ», дар асоси қарори Шӯрои педагогӣ №10 аз 20 июни соли 2025 дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз санаи 03.11.2025 таҳти феҳристи 155933, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Гулбутта-1, хонаи 30, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 8, №954086, ба номи Холматова Саодат Исмаиловна, ки соли таҳсили 1978-1979 аз МТМУ №21 ба номи Ю. Гагарин, н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-АТА №0903230, ба номи Ниёзова Маҳина Каромидиновна, ки соли 2013 аз ҷониби МТМУ №29-и н. Варзоб, деҳаи Харангон, ҷамоати д. С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Шарипова Нозанин Давлатбековна, ки соли 2021 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии бинои истиқоматии ҷудогона ба номи Муминов Олимджон Алиакбарович, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. М. Турсунзода 112, кв. 7, санаи 02.09.2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи Уроқов Тоҷиддин Эргашевич таҳти рақами А02994961, ки аз ҷониби ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ аз 11.01.2020 дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи бонкии иттифоқи касабаи Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқат, ки Бонки давлатии Амонатбонк додааст, бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

Шиносномаи Зарҳуни Неъматулло таҳти рақами А03578916, ки аз ҷониби ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 14.01.2021 дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

Шиносномаи Шарипов Сафаралӣ Ҷалилович таҳти рақами А5644611, ки аз ҷониби ШКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9-уми апрели соли 2010 дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

Шартномаи №СД/ПР-А-72/А-02И оид ба ҳиссагузории сохтмони хонаҳои истиқоматии баландошёнаи бисёрквартирадор аз санаи 30.08.2025, байни Абдуназаров Қаҳрамон Давлаталиевич ва ҶДММ "Соҳиб Дуст", ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Деҳотӣ 1/4, 2-ҳуҷрагӣ, 82.54 м.м., ошёнаи 10, Блоки А, аз даромадгоҳ дасти чап 2-юм ҳуҷра, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома ва Иқтибоси КТ "Аҳмадҷон-П", РЯМ: 3310005115, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии "Соҳибшербек" ба номи Ашуров Рузибадал, РЯМ: 0730065426, РМА: 075355965, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии "Меҳнат" ба номи Табаров Мирали, РЯМ: 0730153307, РМА: 075128893, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи №23 аз 07.05.2025 байни Шукуров Собирҷон Қудбиддинович ва ҶСП "Муқим-1", ноҳияи Ёвон, шаҳраки Ёвон, к. А. Ҷомӣ, Блоки А, ошёнаи 4, ҳуҷраи 18, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯӣ ба номи Бадалов Манучеҳр Фаррухович, ки соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ҶТ №0187334, рақами қайд №1494, ба номи Сангов Самир Азизович, ки соли 2024 аз ҷониби Коллеҷи техникии ДТТ ба номи М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Ҳуҷҷати аслии (РМА) 010091044, ки ба номи ҶДММ "ПОКИЗАМ" аз тарафи мақомоти андоз санаи 16.03.2013 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ аз 27.02.17 ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Салимова Адиба, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. А. Дониш 65/27, ҳ. 32, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 1Ш – 347, аз 14.03.2017, ки аз ҷониби сарнотариуси давлатии Саридораи нотарилии давлатии ҶТ барои манзили воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 65/27, ҳуҷраи 32 ба номи Салимова Адиба дода шудааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Самадова Тожихон Ахматовна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ Муродбеки Ғиёс, РЯМ: 0710013334, РМА: 070020438, санаи таъсис 24.05.2025, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ Арзон Экпрес, РЯМ: 0710010318, РМА: 070017270, санаи таъсис 12.11.2019, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ «Ҳусноророи Зебо», №0309735, РМА: 040069509, РЯМ: 0410046579, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ “Тоҷи Муминобод”, РЯМ: 1210013705, РМА: 120044189, санаи таъсис 19.11.2021, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

БОЗИҲОИ ОСИЁ

ДАСТОВАРДҲОИ АВВАЛИНИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН



Варзишгарони Тоҷикистон дар рӯзҳои аввали Бозиҳои Осиёӣ-2026 ду нишони тило, як нуқра ва як биринҷӣ ба даст оварданд.

Варзишгари тоҷик аз намуди санъати муҳорибаҳои омехта Мирзобек Умаров дар вазни то 60 кг дар Бозиҳои Осиёӣ-2026 ба гирифтани нишони тило шарафёб гардид. Дар финал Мирзобек аз намуди санъати муҳорибаҳои омехтаи Modern бар намояндаи Ӯзбекистон Фирдавс Отамуратов бо ҳисоби 3:0 зафар ёфт. Варзишгари дигари тоҷик Отабек Раҷабов низ дар ҳамин намуд дар вазни то 65 кг ба гирифтани нишони тило шарафёб шуд. Дар финал Отабек аз намуди санъати муҳорибаҳои омехтаи Traditional бар намояндаи Филиппин Жан Клод Саклаг бо ҳисоби 3:0 зафар ёфт.

Варзишгари тоҷик Беҳрӯз Хуршедзода дар мусобиқаи санъати муҳорибаҳои омехтаи Modern дар вазни то 71 кг дар рақобати ниҳоӣ аз намояндаи Қазоқистон Кадюрбек Шинбаев бо ҳисоби 3:0 мағлуб шуд ва нишони нуқра гирифт. Пеш аз инҳо Махсатулло Муъминов дар вазни 55 кг аз намуди карате-до WKF нишони биринҷӣ ба даст оварда буд.

ФУТБОЛ

БОЗИҲОИ ДӮСТОНАИ ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК БО ОЗАРБОЙҶОН, ФАЛАСТИН ВА ЧИН

Ситоди мураббиёни дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Игор Ангеловский ҳайати дастаро барои бозиҳои дӯстонаи моҳҳои сентябру октябр эълон кард.

Ба ҳайати даста 28 бозигар шомил шудаанд, ки 3 дарвозабон, 10 ҳимоятгар, 10 нимҳимоятгар ва 5 ҳамлагар ҳастанд.

Дар рӯзҳое, ки моҳҳои сентябр ва октябр FIFA бозиҳои худро мегузаронад, дастаи мунтахаби Тоҷикистон се бозии дӯстона баргузор мекунад. 23-юми сентябр шогирдони Ангеловский дар варзишгоҳи «Palms Sports Arena»-и шаҳри Боку бо мунтахаби Озарбойҷон бозӣ карданд. Пас аз ин даста ба шаҳри Чунтсини Чин сафар карда, он ҷо ду бозии дигари дӯстона баргузор мекунад. 28-уми сентябр футболбозони тоҷик бо дастаи мунтахаби Фаластин ва рӯзи 6-уми октябр бо тими миллии Чин рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҳайати даста дарвозабонҳо Рустам Ятимов («Ростов», Русия), Олег Баклов («Турон», Озарбойҷон), Далер Азизов («Ҳосилот»); муҳофзатгарон Зоир Ҷӯрабоев («Суғдиёна», Ӯзбекистон), Раҳматшо Раҳматзода («Персиҷап Ҷепара», Индонезия), Аҳтам Назаров («Вахш»), Ваҳдат Ҳанонов, Табрез Исломов, Алиҷон Кароматуллозода, Содиқҷон Қурбонов (ҳама «Истиқлол»), Меҳрубон Каримов («Равшан»), Мусо Қаҳҳоров («Барқчӣ»), Абдусамад Меликмуродов («Регар-ТадАЗ»); нимҳимоятгарон Парвизҷон Умарбоев («Локомотив», Булғористон), Алишер Ҷалилов, Амирбек Ҷӯрабоев, Эҳсони Панҷшанбе, Алишер Шукуров, Муҳаммадҷон Раҳимов (ҳама «Истиқлол»), Салоҳиддин Эргашев, Фурқон Раҳимзода (ҳарду «Ҳосилот»), Нозим Бобоҷонов, Азизбек Ҳаитов (ҳарду «Регар-ТадАЗ»); ҳамлагарон Шаҳром Самиев, Рустам Соиров, Шервонӣ Мабатшоев (ҳама «Истиқлол»), Шериддин Бобоев («Ҳосилот»), Фатҳулло Олимзода («Равшан») ҳастанд.



САМБО

8 НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ҶОМИ ҶАҲОН-2026

Рӯзҳои 19-20-уми сентябр дар шаҳри Душанбе Ҷоми ҷаҳонии самбо-2026 баргузор шуд. Дар давоми ду рӯз варзишгарон барои ба даст овардани ҷойҳои ифтихорӣ дар намудҳои самбои варзишӣ ва самбои ҷангӣ, инчунин дар мусобиқаҳо барои варзишгарони нобино ва дорои нуқсони биноӣ рақобат карданд.



Тоҷикистон дар рӯзи аввал нахустин нишони тилои худро ба даст овард. Анӯшервон Назарзода дар мусобиқаи самбои варзишӣ дар вазни то 58 кг бар Ойбек Калимов аз Қазоқистон пирӯз шуд. Комроншоҳи Устопириён дар вазни то 98 кг (самбои варзишӣ) барои Тоҷикистон нишони биринҷӣ ба даст овард.

Ду нишони нуқра дар рӯзи аввал аз ҳисоби мусобиқаҳои самбо барои варзишгарони дорои нуқсони биноӣ ба даст омаданд. Шоҳрух Назаров (79 кг) ва Раҷаб Ҳусейнов (98 кг) ҳарду зинаи дуюми шоҳсуфаро ишғол карданд.

Дар рӯзи дуюм варзишгарони самбои ҷангӣ силсилаи ба даст овардани нишонҳоро идома доданд. Рамазон Ҷумъаев муваффақият ба даст оварда, дар вазни то 88 кг аз рақибон Ерсултан Дуйсенгазин (Қазоқистон), Александр Горохов (Русия) ва Абдилла Назаргелдиев (Туркманистон) пеш гузашт ва ғолиб шуд.

Се намояндаи дигари Тоҷикистон - Сиёвуш Солиҳов (58 кг), Беҳрӯз Ҳалимов (71 кг) ва Баҳромҷон Имомзода (98 кг) мусобиқаро бо нишонҳои биринҷӣ ҷамъбаст карданд.

Мусобиқаи навбатӣ дар тақвими байналмилалии FIAS Чемпионати ҷаҳон аст, ки баргузории он барои рӯзҳои 6-8-уми ноябр дар Ӯзбекистон ба нақша гирифта шудааст.

РЕЗААХБОР



Намояндаи Тоҷикистон Таҳмина Хоҷаева ба рӯйхати расмии номзадҳо ба интихоботи Бюрои United World Wrestling (UWW) - мақоми олии роҳбарикунандаи ташкилоти ҷаҳонии куштӣ ворид шуд. Тибқи рӯйхати расмии UWW, ки 17-уми сентябри соли 2026 нашр шудааст, Хоҷаева ҳамчун номзади нав аз Тоҷикистон ба Конгресси навбатии UWW 2026 пешбарӣ шудааст.

***

Даври 17-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон дар садри ҷадвали Лигаи олӣ тағйироти назаррас кард. «Истиқлол» баъди ба ҷойи аввал баромадан аввалин шикастро мувоҷеҳ шуд, ки нокомӣ аз «Хуҷанд» (0:1) буд. «Регар-ТадАЗ» аз фурсат истифода бурда, «Вахш»-ро мағлуб (1:0) ва имтиёзҳояшро бо «Истиқлол» баробар кард. «Равшан» бар КМВА (3:0), «Ҳосилот» бар «Парвоз» (2:0), «Эскхата» бар «Истаравшан» (3:1) ва «Барқчӣ» бар «Сардор» (2:0) пирӯз шуданд.

***

26-уми сентябр дар Сахалин (Русия) Лигаи куштии ҳирфаӣ (PWL) баргузор мешавад, ки дар он паҳлавони тоҷик Мустафо Аҳмадов бо намояндаи Русия Қурбон Шираев мубориза мебарад. Аҳмадов барандаи нишони нукраи Бозиҳои ИДМ (2021), нишони биринҷии Чемпионати Осиё (2022) буда, ду маротиба чемпиони Тоҷикистон шудааст.

***

13-уми ноябр дар Техас (ИМА) Муҳаммад Яқубов бо муштзани шикастнопазири муғул Эрдэнэбат Сендбаатар рӯ ба рӯ мешавад. Ин рақобат дар доираи як чорабинии бокси ҳирфаӣ ва дар вазни сабук баргузор мегардад. Айни замон Яқубови 31-сола 23 ғалаба, як бохт ва як мусовӣ дорад, дар ҳоле ки рақиби ояндаи ӯ дар ринги касбӣ то ҳол шикаст нахӯрда ва дар 15 муҳориба 15 ғалаба ба даст овардааст.



БЕ БРИГАДИР

Ба як иншооти сохтмонӣ тафтишгарон омада, аз коргарон мепурсанд:
- Дар ин сохтмон чанд кас кор мекунанд?
Як коргари сохтмон мегӯяд:
- Якҷоя бо бригадир понздаҳ нафар.
Тафтишгарон мепурсанд:
- Бе бригадир чанд нафар кор мекунед?
Коргар:
- Бе бригадир дар ин ҷо касе кор намекунад.

КОТИБАИ БЕСАВОД

Сардор котибаи зеборо таъриф мекунад:
- Офарин, ҳамагӣ 2 ғалат кардай!
Котиба:
- Раҳмат!
Сардор:
- Акнун калимаи дуюмро нависс!

НИГОҲИ БАД

Котиба аз шеф мепурсад:
- Азизам, чаро занат ба ман бад-бад нигоҳ мекунад?
Шеф дар ҷавоб:
- Барои он ки замоне худаш ҳам котибаи ман буд!

КАБӮТАР

Ду дугона бо ҳам вомехӯранд:
- Шунидӣ, Рустаму Фарангис издивоҷ кардаанд?
Дугонааш мегӯяд:
- Ҳа шунидам, ҳозир зиндагияшон чӣ хел бошад?
Дугона дар ҷавоб:
- Мисли ҷуфти кабӯтарон, як рӯз Рустам аз тиреза мепараду рӯзи дигар Фарангис!

ПУЛЧИНАК

Дар автобуси пуродам мусофирон якдигарро тела додаву муноқиша мекунанд. Баногаҳ аз миёнаи автобус садое баланд мешавад:
- Ҳамон аблаҳеро, ки ҳамаро тела медиҳад, аз автобус дафъ кунед!
Дар ҷавоб боз садо баланд мегардад:
- Ман аблаҳ нестам, ман пулчинаки мусофирбарам.

НИҚОБ

Аз занбӯрпарваре мепурсанд:
- Чаро вақти ҷамъоварии асал ба сари худ халта мекашед?
Занбӯрпарвар мегӯяд:
- Агар баъдан занбӯрҳо маро шиносанд, ҳолам бад мешавад.

НИМКАР

Беморе ба дармонгоҳ омада, ба духтури гӯш мурочиат менамояд:
- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, гӯшам нимкар шудааст.
- Укоҷон, одам нимкар намешавад: ё тамоман кар мешавад, ё умуман кар намешавад.
- Бовар накунед, санҷида бинед,- илтимос кард бемор.
Духтур ба гӯшаи кабинет рафта, бо овози паст гуфт:
- Ҳақи хизмат 100 сомонӣ...
Бемор:
- Дидед, ман ҳамагӣ 50 сомонӣ шунидам.

САНБӮСА

Марде санбӯса мефурӯхт. Харидоре як дона харида газиду доду вояш баланд шуд:
- Чаро дар даруни санбӯсаи шумо ришта аст?
Санбӯсафурӯш гуфт:
- Шумо бо 1 сомонӣ мехоҳед аз даруни санбӯса қолин барояд?

ШОКОЛАД

Марде ба писараш, ки баҳои аъло гирифта буд, ваъда дод, ки барояш шоколад мехарад. Шом писараш ӯро дар долон пешвоз гирифт:
- Дада, шоколад овардӣ?
- Не, бачаҷон, магазин даромадам, ба ёдам расид, ки пулҳоямро дар ҷойи кор фаромӯш кардаам. Пагоҳ албатта мехарам.
Шоми дигар мард боз писарашро дар долон интизор дид:
- Дада, имрӯз шоколад овардӣ?...
- Не, имрӯз ба идора аз марказ меҳмон омада буд, аз серкорӣ ҳама чизро фаромӯш кардам. Парво накун, пагоҳ якто не, дуто шоколад мехарам!
Шоми сеюм ҳам писар падарро дар долон истиқбол кард:
- Дада, дуто шоколад овардӣ?
- Магазин даромадам, лекин шоколад набуд... Фақат печении хитоӣ буду халос...
- Хайр, печенӣ мехаридӣ...
- Бачаҷон, фаромӯш накун, то вақте ки падарат зинда аст, ту фақат шоколад мехӯрӣ!

ФИТНА

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегӯяд:
- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло бигзоред ҷойеро муоина кунам, ки фитна ба олам зада, дунёро ба оташ кашонидааст.
Зан ҳамин ки домани худро боло мекард, духтур гуфт:
- Чӣ кор мекунӣ? Ман забонатро дар назар доштам...

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

